*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 6 (12334)
10 феврали
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

# АМРИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Соли 2022 озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия, ҷоизаҳо ва рӯйхати адабиёти тавсияшавандаи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони озмун ва омӯзгорону падару модаронеро, ки шогирдону фарзандонашон дар даври ҷумҳуриявии озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2022 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани чорабинии мазкур 3 045 000 (се миллиону чилу панҷ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдодашуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе**
**3 феврали соли 2022**
**№АП-156**

**(Нигаред ба саҳ. 2-5)**

ПЕШРАФТ

## Мақоми нави донишкада

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022, таҳти рақами 17 ба Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» мақоми муассисаи таълимии байналмилалӣ дода, Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» номгузорӣ карда шуд.



Бояд гуфт, ки донишгоҳ 29 июни соли 1991 бо қарори Шӯрои вазирони собиқ ИҶШС ҳамчун Донишкадаи хизматрасонии маишӣ таъсис ёфта буд ва бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 1995 ба Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат табдил дода шуд. Бо мақсади рушди сайёҳӣ дар кишвар, бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2020 дар заминаи муассисаи мазкур Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат таъсис дода шуда, моҳи декабр сохтмони ду бинои нави замонавии донишкада оғоз гардид, ки бо иштироки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ 1 сентябри соли 2021 мавриди истифода қарор гирифт.

Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон узви Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (СҶТ)-и Академияи байналмилалии илмҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Маркази Шабакаи иттилоотии Осиёи Марказӣ «EDNET», Ассотсиатсияи истифодабарандагони шабакаҳои академӣ, тадқиқотӣ ва таълимии «TARENA» ва Донишгоҳи СҲШ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад.

ТАВАҶҶУҲ

## Ҷоизаи давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2022

**Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.11.2020, №621) барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ҳамасола барои дарёфти ҷоизаи мазкур озмун баргузор мегардад.**

Мақсади сарфарозгардонӣ бо ҷоизаи давлатӣ, дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм, маориф ва инноватсия, бо роҳи ҳавасмандкунии олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ буда, ба рушди фанҳои зикршуда, фаъолияти эҷодии олимону омӯзгорон, баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа, такмили методикаи таълим ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯйи ихтисос нигаронида шудааст.



Ҷоизаи давлатӣ ба олимон барои натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникие, ки ба рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат менамояд, коркард ва азхудкунии техника, кашфиёту ихтироот, ки тақвиятдиҳандаи рушди иқтисодиёт ва иқтидори мудофиавии мамлакат мебошад, барои таҳияи китобҳои дарсӣ, нашри мақолаҳои илмию методӣ, маводи таълимӣ-методӣ, омода намудани донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯйи ихтисос ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, иштироки фаъолона дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ, саҳмгузорӣ дар таҳия ва татбиқи барномаҳои илмию техникии ҷумҳурӣ дода мешавад.

Ҳамчунин, ҷоиза ба омӯзгорон барои навоварӣ дар таҷрибаи педагогӣ, мақолаҳои илмию методӣ, патент барои ихтироот, дастур ва китобҳои дарсии нашршуда, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, маҳорати асоснок намудани омӯзиши фанни таълимӣ ва методикаи таълим, истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (шабакаи ҷаҳонии интернет, проектор, тахтаи электронӣ), омода намудани хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, муаррифии усулҳои ҳавасмандгардонии хонандагон, фарҳанги муошират, сатҳи забондонӣ, ҳамкории омӯзгор бо хонанда, падару модар ва ҳамкорон тақдим мегардад.

Озмун барои дарёфти ҷоизаи давлатӣ **барои олимон дар ду давр:** дохилиидоравӣ (муассисае, ки олим дар он ҷо фаъолият мекунад) ва ҷумҳуриявӣ, **барои омӯзгорон дар се давр:** шаҳрӣ (ноҳиявӣ), вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

**Мукофоти пулӣ барои ҳар як ғолиб 20 000 сомониро ташкил медиҳад.**

**(Нигаред ба саҳ. 6-7)**

ДАР ИН ШУМОРА:

*Ҳам қарзу ҳам шараф* саҳ. 10

*ВИЛОЯТИ ХАТЛОН: чаро ноболиғон даст ба ҷинояткорӣ мезананд?* саҳ. 11

*Сарчашмаи боэътимоди рушди забон* саҳ. 12

# НИЗОМНОМАИ озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»

Замимаи 1
ба амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 феврали соли 2022,
№АП-156

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» (минбаъд – озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 баргузор мешавад.

2. Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо, ходимони илм), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад.

3. Озмун аз рӯйи панҷ номинатсия баргузор мешавад:

- адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ;
- адабиёти классикии тоҷик;
- адабиёти муосири тоҷик;
- адабиёти ҷаҳон;
- эҷоди назму наср.

4. Иштирокчиёни номинатсияҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);
- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ;
- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

5. Сарпарасти озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Масъулони баргузории озмун вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд.

7. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, корбозанон ва оила, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории озмун иштирок мекунанд.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун масъул буда, ғолибон ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

9. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, раёсату шуъбаҳои маориф, бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш масъули ташкил ва баргузории озмун мебошанд.

## 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

10. Барои гузаронидани озмун комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ (минбаъд-комиссия) таъсис дода шуда, ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

11. Салоҳияти комиссияи озмун:

- таҳияи ҷадвали баргузории озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми озмун;
- якҷо бо ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни озмун ба даври ниҳоӣ;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти иштирокчиён;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони озмун;
-ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шиносоӣ ва маълумот.

## 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

12. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи апрели соли 2022 то моҳи декабри соли 2022 ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:

- даври якум – моҳи апрел дар муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

Эзоҳ: Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ танҳо дар маҳалле иштирок карда метавонанд, ки муассисаи таълимӣ ва ё илмиашон дар ҳамон маҳал қарор дорад;

- даври дуюм – моҳи май дар маркази мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо (ба истисноиi шаҳри Душанбе);
- даври сеюм – нимаи аввали моҳи октябр дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври чоруми ҷумҳуриявӣ барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм нимаи якуми моҳи декабр дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

13. Протоколи ҳайати ҳакамон ба комиссияи ҷумҳуриявӣ ба даври чорум бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва раисони ҳакамони даври сеюм пешниҳод мешавад.

14. Ҷойи баргузории даврҳои озмун дар деҳот, шаҳрак, маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад.

15. Масъулияти баргузории даври якум, дуюм ва сеюм ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вогузор карда мешавад. Шумораи ғолибони даври сеюми озмун, ки ба даври чорум пешниҳод мешаванд, аз ҳар як номинатсия ва гурӯҳ набояд аз 5 нафар зиёд бошад.

16. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми озмун тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш карда мешавад.

17. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи озмун то 10 ноябр муқаррар карда мешавад. Масъулони баргузории озмун вазифадоранд, ки то 25 ноябр тамоми осори пешниҳоднамудаи иштирокчиёни номинатсияи назму насрро ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои муҳокима ва таҳияи тақриз пешниҳод намоянд.

18. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти ӯ) метавонад шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида шавад. Намунаи шартномаро Вазорати маориф ва илм омода карда, ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд.

19. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радио масъули гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмун мебошанд.

## 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

20. Дар озмун аҳолии кишвар, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёна ва олии касбӣ (бакалавру магистрҳо), баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, докторантҳо, ходимони илмӣ, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун иштирок карда метавонанд.

21. Шартҳои ташкил ва баргузории озмун аз ҷониби комиссияи озмун назорат карда мешавад.

22. Дар вақти баҳогузорӣ ва холгузорӣ ба маҳорати хондан ва аз худ кардан бартарӣ дода мешавад. Иштирокчии озмун ба ҳайати ҳакамон маҳорату малака, қобилияти хондан ва аз худ кардани осори адибонро пешниҳод менамояд.

23. Аз ҷониби ҳайати ҳакамони озмун ба иштирокчӣ барои аъзои фаъоли китобхона будан ва ба ҳунари нақлу оҳанги қироати ӯ низ хол дода мешавад.

24. Ба мавзӯъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлол, тараннуми дӯстию рафоқат, озодию осоиштагӣ, сулҳу субот, инъикоси саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзуи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ ва тасвири табиати зебои кишвар бартарӣ дода мешавад.

25. Пешниҳоди осори азбаршуда асосан бо забони тоҷикӣ сурат мегирад. Иштирокчии озмун дар интихоби забон ҳангоми хондан ва аз худ кардани осори шифоҳӣ ва адабиёти кӯдакон, осори адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст. Ба довталабоне, ки осори бадеии адибони ҷаҳонро бо забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайра) пешниҳод менамоянд, бартарӣ дода мешавад.

26. Иштирокчии озмун метавонад аз намунаҳои эҷодиёти халқ, аз ҷумла, афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва ғайра вобаста ба номинатсияи интихобкардааш истифода намояд.

27. Дар номинатсияи эҷоди назму наср хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва баъд аз дипломӣ, ходимони илмию адабӣ, доктор аз рӯйи ихтисос ва калонсолони ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ иштирок менамоянд.

28. Асарҳои ба озмун пешниҳоднамудаи ғолибони даври сеюми номинатсияи эҷоди назму наср, ки ба даври чорум пешниҳод шудаанд, барои муҳокимаю баррасӣ ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фиристода мешаванд. Иттифоқи нависандагон то саршавии даври чорум хулосаи мутахассисонро ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунад. Асарҳое, ки хулосаи Иттифоқи нависандагонро нагирифтаанд, ба даври чоруми озмун қабул карда намешаванд.

29. Ба номинатсияи эҷоди назму наср асарҳое пазируфта мешаванд, ки қаблан ба ягон озмуни дигар пешниҳод нашудаанд.

30. Дар даври чоруми озмун иштирокчӣ шарҳи ҳоли мухтасари худ, рӯйхати асарҳои хонда ва азбаркарда (нусхаи чопӣ ё дастнависи ашъори азёдкардашуда ва мазмуни мухтасари асарҳои мутолиакардаашро бо зикри муаллиф ва номи асар) бо гузоштани имзо ба комиссияи озмун ба таври ҳатмӣ пешниҳод менамояд (рӯйхати матнҳо ва асарҳои азбаршуда дар се нусха ба даври чорум пешниҳод карда мешавад). Агар иштирокчӣ хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврҳои якуму дуюм ва сеюм ба қайд гирифта шуда бошад ва дар даври чорум донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуда бошад, ҳамчун хонанда дар даври чорум иштирок мекунад.

31. Дар сурати ба талабот ҷавобгӯ набудани номгӯи асарҳо, мукаммал набудани матни шеъру достонҳо ва ё изофанависӣ намудани микдори матнҳои азбаркардашуда, номгӯи асарҳо ва шеърҳо, холи довталаб кам карда мешавад.

32. Ғолибони даври чоруми озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардиданд, то се сол дар озмунҳои солҳои минбаъда ҳуқуқи иштирок карданро надоранд.

33. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар назди раёсатҳои маориф комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои иштирокчиёни озмунро таъсис дода, як нафарро котиби масъул таъин менамояд. Котибони масъули комиссияҳои қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро дар асоси банди 30 санҷида, дар асоси санад онро ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунад. Котиби масъули комиссия суроға, рӯз ва ҷойи баргузории озмунро ба иштирокчиён тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамояд.

## 6. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

34. Маҳорату истеъдоди иштирокчиёни озмун аз рӯйи хондани осори

манзум ва мансури бадеӣ муайян карда мешавад:

- барои иштирокчиёни озмун хондани роман, повест, ҳикоя, новелла ва дигар жанрҳои адабӣ вобаста ба номинатсияи интихобкардааш иҷозат дода мешавад;
- иштирокчӣ дар хондани шеърҳо (ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, порчаҳо аз достонҳо ва дигар жанрҳои лирикӣ) вобаста ба номинатсияи интихобкардааш озод аст;
- ба иштирокчӣ барои нақли афсона, латифа, қиссаю ривоят ва дигар навъҳои осори шифоҳии халқ вобаста ба номинатсияи интихобкардааш иҷозат дода мешавад;
- довталаби номинатсияи назму наср асарҳои худро аз рӯйи навъҳои адабӣ, жанрҳо ва навъҳои анъанавӣ, нав, адабиёти кӯдак, насру драма пешниҳод менамояд.

35. Аз довталаби номинатсияи назму наср таълифи як достони мукаммал дар вазнҳои анъанавӣ, 20 ғазал дар вазнҳои анъанавии арӯз, 20 рубоӣ, 10 дубайтӣ, 3 мухаммас, 2 мусаддас, 4 қасида, 5 шеъри сафед, 10 суруди ватандӯстона, 2 тарҷеъбанд, 2 таркиббанд, 5 ҳикоя, 2 эссе, 1 повест, 1 драма талаб карда мешавад.

### 7. МЕЪЁРИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

36. Ҳайати ҳакамони озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди иштирокчиён аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- барои таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлолу озодӣ, инъикоси саҳми Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзӯи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ, дӯстию бародарӣ, сулху субот, бунёди роҳу накбҳо ва иншооти бузурги аср, корнамоиҳои фарзандони фарзонаи миллат дар бунёдкорию ободонӣ;
- барои қобилияти нақл ва тарзи қироат, шарҳи мухтасари асар, маълумот оид ба қаҳрамонони асар, баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар, қобилияти озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ, ҳунари ровигӣ, қобилияти луғатдонӣ ва шарҳи маънои луғавии вожаҳо, дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар, таассурот аз хондани асар.
- тартиби баҳогузории асарҳои довталабони номинатсияи назму насрро Иттифоқи нависандагон муайян менамояд.

37. Ба ҳар як довталаб барои муаррифии китобҳои хондааш ва наклу хондани шеърҳо вақти озод дода мешавад.

38. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба истеъдоди довталабон ҷадвали 10-хола муқаррар карда мешавад. Барои аз ёд хондани осори манзум бо шарҳу эзоҳи калимаҳо 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар 4 хол, барои ҷавоби миёна 3 хол, барои ҷавоби заиф 2 хол гузошта мешавад ва барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол гузошта намешавад. Барои шарҳи муфассалу баёни равшани осори насрӣ ва ҳунари баланди ровигӣ, инчунин, тавзеҳи калимаҳо аз асарҳои мутолиашуда 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар 4 хол, барои ҷавоби миёна 3 хол, барои ҷавоби заиф 2 хол гузошта мешавад ва барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол гузошта намешавад.

39. Ҳангоми баҳогузорӣ ба маҳорати довталаби эҷоди назму наср, тарзи интихоби мавзуву мундариҷа, риояи рукнҳои вазни арӯз, қофияву радиф, корбарии санъатҳои бадеӣ, интихоби таъбиру ибораҳо, миқдори луғату таъбирҳои нав ва мутобиқати шакл, бандубасти асари бадеӣ ва ба мазмуни асар диққат дода мешавад.

40. Довталаби бахши назм бояд дар мавзуъҳои пешниҳодшуда бадеҳатан шеър гуфта тавонад. Байти аввал аз ҷониби ҳакамон пешниҳод мегардад ва идомаи онро дар ҳамон вазну қофия довталаб хаттӣ ё шифоҳӣ ҷавоб медиҳад. Дар озмун шахсоне метавонанд иштирок намоянд, ки аъзои Иттифоқи нависандагон набуда, шеърро хуб дарк менамоянд, завқи шоирӣ доранд, нозукиҳои шеърро аз бар кардаанд ва дар рӯзномаву маҷаллаҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ намунаи ашъорашон чоп шудааст. Довталаб замони иштирок дар озмун намунаҳои шеъри худро дар шакли чопӣ ва ё дастнавис пешниҳод менамояд. Қобилияти адиби насрнавис низ бо ҳамин тарз санҷида мешавад.

41. Асарҳои пешниҳодкардаи довталабони бахши назму насрро аъзои ҳакамон инфиродӣ мутолиа карда, баъдан дар асоси хулоса ва тақризи пешниҳодшуда мавриди баҳогузорӣ қарор медиҳанд.

### 8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

42. Ҳайати ҳакамони озмуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро раиси комиссияи ҷумҳуриявӣ бо санади дахлдор тасдиқ менамояд. Ҳайати ҳакамон амалҳои зеринро иҷро мекунад:

- тибқи пешниҳоди комиссияи озмун маҳорату истеъдоди иштирокчиёнро натиҷагирӣ мекунад;
- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамояд;
- натиҷаи озмунро дар суратҷаласа дарҷ карда, бо имзои аъзои ҳакамон онро тасдиқ менамояд.

43. Ҳайати ҳакамони озмуни шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад.

44. Ба ҳайати ҳакамони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, шоирону нависандагон, олимону рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, аъзои ҷамъияти китобдӯстон ва иттифоқҳои касаба ворид мешаванд. Шумораи ҳайати ҳакамон бо раису муовинонаш бояд тоқ бошад.

45. Хулосаи ҳайати ҳакамони даври ҷорум дар комиссияи озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

### 9. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

46. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм, сеюм ва хароҷоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври ҷоруми озмун, будубоши онҳо дар маҳалли баргузории озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

47. Ғолибони даври якум, дуюм, сеюми озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва ташкилотҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

48. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдони онҳо дар даври ҷоруми озмун сазовори ҷойи якум ва барандаи Шоҳҷоиза мегарданд, бо нишони ифтихории «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ё «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонда мешаванд.

49. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдони худро аз даври якум то даври ҷоруми озмун омода менамоянд ва дар даври ниҳоӣ онҳо ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоизаро соҳиб мешаванд, аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳрии Тоҷикистон бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ мешаванд.

50. Падару модароне, ки фарзандони онҳо дар даври ҷорум ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва дарёфти Шоҳҷоиза мегарданд, бо нишони «Маърифатпарвар» ё «Ифтихорнома»-и Китобхонаи миллӣ сарфароз гардонида мешаванд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Вазорати маориф ва илм таҳия ва тасдиқ менамояд.

51. Хароҷоти баргузории чорабинии даври ҷоруми озмун аз суратҳисоби махсуси Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм пардохт карда мешавад.

52. Ба ғолибони даври ҷоруми озмун ва ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар даври ҷоруми озмун ҷойҳои якум, дуюм, сеюм, Шоҳҷоизаро сазовор шудаанд ва ба омӯзгорони онҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

53. Рӯйхати ғолибони даври ҷоруми озмун ва омӯзгорони онҳо аз тарафи комиссияи озмун омода ва бо маълумот ва шиносоӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

54. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тартиби додани мукофот ва ҷоизаро раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

55. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

### 10. ТАРТИБИ ИШТИРОК ДАР ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУН

56. Барои иштирок дар даври ҷоруми озмун ба комиссия ҳуҷҷатҳои зерин ба тарви ҳатмӣ пешниҳод карда мешаванд:

- маълумоти мухтасар дар бораи иштирокчӣ;
- рӯйхати асарҳои мутолиашуда;
- миқдори ашъори азёдшуда;
- нусхаи чопӣ ва ё дастнависи шеърҳои азёдкарда, мазмуни мухтасари асарҳои насрии мутолиакарда бо зикри муаллиф ва номи асар;
- протоколи ҳайати ҳакамони даври сеюми озмун.

57. Ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюми озмунро ба даври ҷорум котиби масъули комиссияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод менамояд.

### 11. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

58. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабоне метавонанд иштирок намоянд, ки дар даври ҷумҳуриявӣ аз рӯйи номинатсияҳои пешниҳодшуда ҷойҳои якумро сазовор гардидаанд.

59. Шоҳҷоиза ба иштирокчие дода мешавад, ки аз чор номинатсия (адабиёти классикӣ, адабиёти муосир, адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ, адабиёти ҷаҳон) беш аз 70 фоизи осори назмию насриро мутолиа ва ба ҳифз намудааст.

### 12. ИМТИЁЗҲО

60. Ғолибони даври ҷорум (ҷойҳои 1, 2, 3) ва барандаи Шоҳҷоиза, ки ба талаботи дахлдор ҷавобгӯ мебошанд, баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ба ихтисоси интихобкардаи худ, бе озмун, ба тариқи ройгон, ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибони даври ҷоруми озмун ва барандаи Шоҳҷоизаро Вазорати маориф ва илм тибқи муқарраротмуайян менамояд.

61. Вазорати маориф ва илм протокол ва санадҳои ғолибони озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

---

**Замимаи 2 ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2022, №АП-156**

# ҲАЙАТИ

## комиссияи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа), раиси комиссия;

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;

Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;

Директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;

Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби комиссия.

**Аъзои комиссия:**

Мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;

Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;

Сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ»;

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Мудири кафедраи адабиёти навини тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Мудири кафедраи таърихи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Мудири кафедраи адабиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия.

Нашриёти «Адиб» маҷмуаи «Ахтарони адаб»-ро иборат аз 50 ҷилд аз чоп баровард.

Замимаи 3 ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2022, №АП-156

# Ҷоизаҳои озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»

**Мукофотҳои пулӣ барои ғолибони озмун аз рӯйи чор гурӯҳ ва панҷ номинатсия ба таври зер муқаррар карда мешаванд:**

## 1. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН ВА ОСОРИ ШИФОҲӢ:

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ синфҳои 1-4**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ синфҳои 5-11**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

## 2. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ТОҶИК:

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ синфҳои 1-4**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ синфҳои 5-11**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

## 3. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК:

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ синфҳои 1-4**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

## 4. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН:

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ синфҳои 5-11**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

## 5. НОМИНАТСИЯИ ЭҶОДИ НАЗМУ НАСР.

**Бахши назм:**

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ ходимони илмӣ ва адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**Бахши наср:**

**- миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, (бакалавр, магистр) ва докторантҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ ходимони илмӣ ва адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 2 | 40 000 |
| | Ҳамагӣ | | 5 | 125 000 |

**- маблағи умумӣ барои ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоиза**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 19 | 665 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 38 | 950 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 38 | 760 000 |
| 4 | Шоҳҷоиза | 70 000 | 1 | 70 000 |
| | Ҳамагӣ | | 96 | 2 445 000 |

**- маблағ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдонашон дар озмун ҷойҳои 1,2,3 ва Шоҳҷоизаро мегиранд**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум, дуюм, сеюм | 10 000 | 46 | 460 000 |
| | Ҳамагӣ | | 46 | 460 000 |

- хароҷотҳои дигар

| № | | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | Хароҷотҳо барои омода кардани ҷомҳои шоҳҷоиза, ҷоизаҳо, дипломҳо ва хароҷотҳои дигар (тӯҳфаҳои хотиравӣ ва сертификат барои иштирокчиён) | 140 000 |

- ҳамагӣ

| № | | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Барои ҷоизаҳо | 95 нафар | 2 375 000 |
| 2 | Барои омӯзгорон | 46 нафар | 460 000 |
| 3 | Шоҳҷоиза | 1 нафар | 70 000 |
| 4 | Хароҷоти дигар | | 140 000 |
| | Ҳамагӣ | | 3 045 000 |

**Тоҷикистон ба лоиҳаи сайёҳии ИДМ «Гарданбанди гаронбаҳои Иттиҳод» шомил гардид.**

# РӮЙХАТИ адабиёти тавсияшаванда барои иштирокчиёни озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»

Замимаи 4
ба амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 феврали соли 2022,
№АП-156

**1. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН ВА ОСОРИ ШИФОҲӢ:**

- хондани афсонаҳои халқи тоҷик, ҳикояҳо аз «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Гулистон», «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ, азёд кардани латифаю зарбулмасалҳо, мақолҳои халқӣ, чистонҳо, порчаҳо аз осори манзуми шоирони барчастаи классикӣ (Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон), аз ашъори манзуму мансури бачагонаи устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Пӯлод Толис, Ҷалол Икромӣ, Ғаффор Мирзо, Сотим Улуғзода, Боқӣ Раҳимзода, Бахром Фирӯз, Гулназар Келдӣ, Муҳаммад Ғойиб, Раҳмат Назрӣ, Сафияи Носир, Эгами Нарзуллоҳ (Волӣ), Насим Раҷаб, Ғанӣ Ҷӯразода, Юсуфҷон Аҳмадзода, Наримон Бақозода, Алӣ Бобоҷон, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Маҳмуд Диёрӣ, Мирсаид Миршакар, Шарифи Муҳаммадёр, Маҳбуба Неъматова, Убайд Раҷаб, Нӯъмон Розиқ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Муродалӣ Собир, Абдусаттори Раҳмон, Салоҳиддини Садриддин, Азизи Азиз, Сайҷал Самеъзода, Абдусалом Деҳотӣ, Шодӣ Саттор, Болта Ортиқов, Ғаффоралӣ Сафар, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршоҳ, Бобо Ҳоҷӣ, Акобир Шарифӣ, Ато Мирхоҷа, Гулчеҳра Муҳаммадиева, Латофат Кенҷаева ва дигарон;

- аз осори манзум ва мансури адабиёти бачагонаи ҷаҳонӣ.

**2. НОМИНАТСЯИ АДАБИЁТИ КЛАССИКӢ:**

- намунаҳои насри ривоятӣ аз «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Чаҳор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Тӯтинома», «Синдбодномa», «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Марзбонномa», «Абӯмуслимнома» ва ғайра;

- осори насри классикӣ - «Томирис ва Куруш», «Шерак», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Калила ва Димна», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон»- и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»- и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғайра;

- аз ёд кардани ашъори шоирон аз рӯйи жанр;

- на кам аз 100 ғазал аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Фаридаддин Аттор, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фахриддини Ироқӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишер Навоӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Зебуниссо, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;

- рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120 рубоӣ ва дубайтӣ аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абуалӣ ибни Сино, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишер Навоӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ ва дигарон;

- қасида - на кам аз 100 байт аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Кисоии Марвазӣ, Абулқосим Унсурӣ, Анварии Абевардӣ, Абулҳасан Фаррухии Сиистонӣ, Абунаҷм Манучеҳрии Домғонӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Масъуди Саъди Салмон, Носири Хусрав, Хоқонии Шервонӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;

- порча аз достон - на кам аз 150 байт аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил, Камолиддини Биноӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;

- дигар навъҳои шеърӣ - қитъа, мухаммас, мусаммат, мусаллас, тарҷеъбанд, таркиббанд ва ғайра - 100 байт.

**3. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК:**

- аз ёд кардани рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, порчаҳо аз достону маснавӣ ва сурудҳои халқӣ аз эҷодиёти даҳони халқ;

- осори насрии адибони муосир – ҳикояҳо, новеллаҳо, повестҳо, романҳо, пйессаҳо, ёддоштҳо ва очеркҳои Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалик Баҳорӣ, Пулод Толис, Бахром Фирӯз, Ҷумъа Одина, Ӯрун Кӯҳзод, Юсуф Акобиров, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Меҳмон Бахтӣ, Кароматуллои Мирзо, Гулрухсор, Иноят Насриддинов, Ато Ҳамдам, Бароти Абдураҳмон, Ҷонибеки Акобир, Шералӣ Мӯсо, Равшани Ёрмуҳаммад, Маъруф Бобоҷон, Бахтиёр Муртазо, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ, Муҳибуллои Қурбон, Шераки Ориён (Абдурофеъ Рабизода), Марямбонуи Фарғонӣ, Мирзо Насриддин, Диловари Мирзо, Абдуқодири Рустам, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Маҷид Салим, Равшани Махсумзод, Ато Мирхоҷа, Анвар Олим, Аброри Зоҳир, Сироҷиддин Икромӣ, Сайид Раҳмон, Мирзо Шукурзода, Муаззама, Мутеулло Наҷмиддинов, Додохони Эгамзод, Наҷмиддини Шоҳинбод, Искандари Ҳамроҳқул, Шодон Ҳаниф, Расул Ҳодизода, Нарзулло Тиллозода, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Ҳоҷӣ Содиқ, Ҳакималӣ Назаралӣ, Абдуғаффори Партав, Маҳкам Пӯлод, Айюб Кенҷа, Истад Қосимзода, Сироҷиддин Қосимзода, Раҷаб Мардон, Ғаффор Мирзо, Султон Мирзошоев, Мирсаид Миршакар, Абдурауф Муродӣ, Тоҳири Муҳаммадризо, Шералӣ Мӯсо, Бурҳон Ғанӣ, Муҳаммад Ғоиб, Карим Давлат, Абдусалом Деҳотӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Матлубаи Ёрмирзо, Исроил Иброҳим, Ҳабиб Имодӣ, Қулмуҳаммади Абдулҳусейн, Ҳилолиён Аскар, Самад Ғанӣ, Саидаҳмади Зардон, Саиданвар Камолов, Шоҳназир Назиров, Султонмуроди Одина, Муҳаммадраҳими Сайдар, Аъзам Сидқӣ, Ҳоҷӣ Содиқ, Мансур Суруш, Тоҷӣ Усмон, Баҳодур Файзулло, Ибод Файзулло, Неъматуллои Худойбахш ва дигарон;

- асарҳои драмавӣ аз Абулқосим Лоҳутӣ, Ғанӣ Абдулло, Нурулло Абдуллоҳ, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Файзулло Ансорӣ, Абдусалом Атобоев, Тӯрахон Аҳмадхонов, Меҳмон Бахтӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Муҳаммад Ғоиб, Ҷалол Икромӣ, Шамсӣ Қиём, Ҷумъа Қуддус, Фазлиддин Муҳаммадиев, Султон Сафар, Аъзам Сидқӣ, Мансур Суруш, Ҳоҷӣ Содиқ, Шодӣ Солеҳ, Нур Табаров, Ато Ҳамдам, Аминҷон Шукӯҳӣ, Сотим Улуғзода;

- ашъори шоирони муосир - на кам аз 100 ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ ва порча аз достон аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ҳайрат Шанбезода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳиддин Аминзода, Боқӣ Раҳимзода, Нодир Шанбезода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Файзулло Ансорӣ, Ғаффор Мирзо, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Мастон Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар Келдӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Жола Бадеъ, Абдулло Қодирии Мумтоз, Султон Шоҳзода, Ашӯр Сафар, Сайидалӣ Маъмур, Ширин Бунёд, Аскар Ҳаким, Ҳақназар Ғоиб, Салимшо Ҳалимшо, Саидҷон Ҳакимзода, Пиримқул Сатторӣ, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Искандари Хатлонӣ, Зулфия Атоӣ, Муҳаммад Ғойиб, Мирзо Файзалӣ, Фарзона, Доро Начот, Назри Яздонӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Ҷамолиддин Каримзода, Зиё Абдулло, Рустам Ваҳҳобзода, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Озарахш, Ато Мирхоҷа, Сиёвуш, Озар, Салими Зарафшонфар, Абдуҷаббори Суруш, Парда Ҳабиб, Давлат Сафар, Раънои Мубориз, Давлати Раҳмониён, Лаълчубаи Мирзоҳасан, Мухтарам Ҳотам, Сафар Амирхон, Назруллоҳи Азизиён, Одина Азимӣ, Нуқраи Суннатниё, Хайрандеш, Қуввват Давлат, Олимхон Исматӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Гурез Сафар, Шаҳрия, Усмон Шарифзода, Адибаи Хуҷандӣ;

- дигар навъҳои шеърӣ-100 байт аз шоирони муосири тоҷик;

-нақли афсонаю латифа ва порчаҳо аз осори мазуму мансури шифоҳӣ.

**4. НОМИНАТСИЯИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН:**

- осори насрӣ ва аз бар кардани на кам аз 800 байт аз эҷодиёти адибони ҷаҳон. Аз ҷумла:

- адабиёти рус дар бахши назм, наср ва драма - Александр Пушкин, М. Лермонтов; дар бахши масал - Иван Крилов, дар бахши назм, наср ва драма - Александр Грибоедов, Иван Бунин, Борис Пастернак, Александр Островский, Николай Гогол, Иван Тургенев, Фёдор Достоевский, Лев Толстой, Антон Чехов, Максим Горкий, Михаил Булгаков, Александр Блок, Владимир Маяковский, Анна Ахматова, Марина Светаева, Сергей Есенин, Андрей Платонов, Владимир Набоков, Михаил Шолохов, Александр Солженитсин, Василий Шукшин, Валентин Распутин, Андрей Волос;

- адабиёти Украина, Беларус ва назди Балтика дар бахши назм, наср ва драма - Максим Танк, Эдуардас Межелайтис, Янка Купала, Тарас Шевченко, Леся Украинка, Якуб Колас, Юстинас Мартсинквичюс, Олес Гончар, Йонас Авижюс, Юрий Ритхэу;

- адабиёти Осиёи Марказӣ (ӯзбек, туркман, қазоқ, қирғиз) дар бахши назму наср ва драма – Абай, Алишер Навоӣ, Машраб, Увайсӣ, Нодира, Фуркат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Эркин Воҳидов, Олжас Сулаймонов, Абдулло Орипов, Абдулло Қодирӣ, Мухтор Авезов, Бердӣ Карбобоев, Чингиз Айтматов;

- адабиёти Қафқоз дар бахши назму наср ва драма - Шота Руставели, «Довуди Сосунӣ», Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Хачатур Абовян, Аветик Исаакян, Расул Ҳамзатов, Отар Чиладзе, Самад Вургун, Нодар Думбадзе, Грант Матевосян;

- адабиёти кишварҳои Амрико ва Канада дар бахши назм, наср ва драма - Филип Френо (ИМА), Генри Уодсворт Лонгфелло (ИМА), Уолт Уитмен (ИМА), Вашингтон Ирвинг (ИМА), Ҷеймс Фенимор Купер (ИМА), Эдгар Аллан По (ИМА), Марк Твен (ИМА), Теодор Драйзер (ИМА), Ҷек Лондон (ИМА), Фрэнсис Скотт Фитсчералд (ИМА), Вилям Фолкнер (ИМА), Эрнест Ҳемингуэй (ИМА), Ҷон Стейнбек (ИМА), Маргарет Этвуд (Канада);

- адабиёти Америкои Лотинӣ дар бахши назм, наср ва драма – Габриэла Мистрал (Чили), Пабло Неруда (Чили), Жоржи Амаду (Бразилия), Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия);

- адабиёти кишварҳои Аврупо дар бахши назм, наср ва драма – Данте (Италия), Федерико Гарсиа Лорка (Испания), Ҷованни Боккаччо (Италия), Ҷеймс Ҷойс (Ирландия), Вилям Шекспир (Англия), Иоганн Волфганг фон Гёте (Олмон), Виктор Гюго (Франсия), Ромен Роллан (Франсия), Франсуа Рабле (Франсия), Мигел Сервантес (Испания), Даниел Дефо (Англия), Валтер Скотт (Шотландия), Фредерик Стендал (Франсия), Ҷорҷ Байрон (Англия), Оноре де Балзак (Франсия), Александр Дюма (Франсия), Жорж Санд (Франсия), Ҳанс Кристиан Андерсен (Дания), Вилям Теккерей (Англия), Чарлз Диккенс (Англия), Гюстав Флобер (Франсия), Жюл Верн (Франсия), Эмил Золя (Франсия), Анатол Франс (Франсия), Ги де Мопассан (Франсия), Ҷорҷ Бернард Шоу (Англия), Артур Конан Дойл (Англия), Этел Лилиан Войнич (Англия), Редярд Киплинг (Англия), Марсел Пруст (Франсия), Вирҷиния Вулф (Англия), Франс Кафка (Австрия), Грэм Грин (Англия), Жан-Пол Сартр (Франсия), Албер Камю (Франсия), Дэвид Митчелл (Англия);

- адибони Эрону Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон дар бахши назм, наср ва драма – Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Покистон), Маликушшуаро Баҳор (Эрон), Нимо Юшиҷ (Эрон), Эраҷ Мирзо (Эрон), Парвини Эътисомӣ (Эрон), Халилуллоҳи Халилӣ (Афғонистон), Зиё Қоризода (Афғонистон), Аҳмади Шомлу (Эрон), Суҳроби Сипеҳрӣ (Эрон), Нодири Нодирпур (Эрон), Бориқ Шафеӣ (Афғонистон), Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Нусрати Раҳмонӣ (Эрон), Восифи Бохтарӣ (Афғонистон), дар бахши наср - Муртазо Мушфиқ Козимӣ (Эрон), Содиқ Ҳидоят (Эрон), Бузург Алавӣ (Эрон), Симин Донишвар (Эрон), Ҳушанг Гулширӣ (Эрон), Маҳмуди Давлатободӣ (Эрон), Аббос Маъруфӣ (Эрон), Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Прем Чанд (Ҳиндустон);

- адабиёти Осиё ва кишварҳои арабӣ дар бахши назм, наср ва драма - Рюноскэ Акутагава (Япония), Кобо Абэ (Япония), Лу Син (Чин), Мо Ян (Чин), Ҷуброн Халил Ҷуброн (Лубнон), Нақиб Маҳфуз (Ҷумҳурии Мисри Араб), Азиз Несин (Туркия), Иброҳим Ал-Куни (Лубнон), Маҳмуд Саид (Ирок), Муҳаммад Зифзоф (Марокаш).

*Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош!*
*Носири Хисрав*

*«Омӯзгор» № 6, 10 феврали соли 2022*

# Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**аз 26 ноябри соли 2020, №621, ш. Душанбе**

**Дар бораи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ**

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади дастгирии рушди илм ва маориф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таъсис дода шавад.

2. Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2021 ҳамасола мукофоти пулии Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ таъмин намояд.

**Раиси**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

## ЗАМИМА

### ба Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

**Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби довталаб пешниҳодшаванда**

Довталабе, ки дар озмун ширкат меварзад, бояд ҳуҷҷатҳои зеринро вобаста ба корҳои анҷомдодааш пешниҳод намояд:

1) Варақаи шахсӣ;
2) Нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба зинаҳои таҳсилот;
3) Нусхаи шиноснома;
4) Тарҷумаи ҳол;
5) Расм бо андозаи 3х4 - 6 дона;
6) Қарори Шӯро ё мушовараи муассисае, ки дар он довталаб кор мекунад, оид ба пешниҳод барои дарёфти Ҷоиза -1 нусха:
7) Рӯйхати ҳамаи корҳои илмии довталаб – 2 нусха;
8) Шарҳи мухтасари мазмуни асар ё асарҳои илмии ба озмун пешниҳодшуда дар ҳаҷми на зиёда аз як варақаи чопӣ – 2 нусха;
9) Нусхаи шаҳодатномаи муаллифӣ (барои ихтироот)- 2 нусха;
10) Маълумотнома аз идора ва ё мақомоти дахлдор дар бораи татбиқи амалии ихтироот, конструксияҳо, мавод ва технологияи нав, усулҳои мукаммали истеҳсолот дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ-1 нусха;
11) Ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба доштани унвони илмии номзад ва ё доктори илм;
12) Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи моҳияти воқеии илмӣ-амалӣ доштани натиҷаҳои илмии кашфиёту ихтирооти пешниҳодшуда бо замимаи маводи тасдиққунандаи чопӣ, сабтӣ, аёнӣ ва ғайра;
13) Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳолати амалишавии кашфиёту ихтироотҳои дар амал татбиқшуда ва татбиқшаванда;
14) Ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар хусуси на кам аз як сол мавриди амал қарор доштани тадқиқоти довталаб;
15) Китоби дарсӣ, маводи таълимӣ-методӣ ва монографияҳо;
16) Нусхаи диплом, ифтихорномаи шогирдони довталаб (хонанда, донишҷӯй, магистрант, докторант ва рӯи ихтисос), ки дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ сазовор гардидаанд.
17) Дигар ҳуҷҷатҳое, ки довталаб ба озмун пешниҳод намудани онро зарур мешуморад.

# НИЗОМНОМАИ

**Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020, №621 тасдиқ шудааст**

## Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ

**1.Муқаррароти умумӣ**

1. Низомномаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (минбаъд-Низомнома) тартиби баргузор намудани озмун, шартҳои баргузорӣ, ҷамъбаст ва ҷораҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин, маблағгузории озмунро муқаррар менамояд.

2. Мақсади сарфарозгардонӣ бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (минбаъд-Ҷоизаи давлатӣ) дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм, маориф ва инноватсия бо роҳи ҳавасмандкунии олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ буда, ба рушди фанҳои мазкур, фаъолияти эҷодии олимону омӯзгорон, баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа ва такмили методикаи таълим ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос нигаронида шудааст.

3. Ҷоизаи давлатӣ аз мукофоти пулӣ ва диплом иборат аст.

4.Ҷоизаи давлатӣ ба олимон барои дастовардҳои зерин дода мешавад:

-натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникие, ки ба рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ мусоидат менамоянд;

-коркардва азхудкунии техника, кашфиёту ихтироот, ки тақвиятдиҳандаи рушди иқтисодиёт ва иқтидори мудофиавии мамлакат мебошанд:

-таҳияи китобҳои дарсӣ, нашри мақолаҳои илмию методӣ, маводи таълимӣ-методӣ, омода намудани донишҷӯён, магистрантон ва докторантон аз рӯи ихтисос ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

-иштироки фаъолона дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ;

-саҳмгузорӣ дар таҳия ва татбиқи барномаҳои илмию техникии ҷумҳурӣ.

5. Ҷоизаи давлатӣ ба омӯзгорон барои дастовардҳои зерин дода мешавад:

-навоварӣ дар таҷрибаи педагогӣ; мақолаҳои илмию методӣ, патент барои ихтироот, дастур ва китобҳои дарсии нашршуда;

-донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, маҳорати асоснок намудани омӯзиши фанни таълимӣ ва методикаи таълим;

-истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаи ҷаҳонии интернет, проектор, тахтаи электронӣ, омода намудани барномаҳои муаррифкунанда (слайд):

-омода намудани хонандагон ба озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

-муаррифии усулҳои ҳавасмандгардонии хонандагон, фарҳанги муошират, сатҳи забондонӣ, ҳамкории омӯзгор бо хонанда, падару модар ва ҳамкорон.

6. Барои муайян кардани ғолибони Ҷоизаи давлатӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун ташкил ва баргузор карда мешавад.

**2. Тартиби баргузории озмун**

7. Озмун барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ ҳар сол дар давраҳои зерин баргузор карда мешавад:

1) барои олимон дар ду давр:

-давраи якум-дохилиидоравӣ, моҳи феврал дар муассисае, ки довталаб дар он кор мекунад;

-даври дуюм – ҷумҳуриявӣ, моҳи апрел дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) барои омӯзгорон дар се давр:

- даври якум – шаҳрӣ (ноҳиявӣ), моҳи январ дар шаҳр ва ноҳияе, ки довталаб дар он кор мекунадл;

-даври дуюм – вилоятӣ (шаҳри Душанбе), минтақавӣ (барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), моҳи феврал дар сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо, барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-даври сеюм-ҷумҳуриявӣ, моҳи апрел дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Иштирок дар даври якуми озмун барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ барои олимон ва омӯзгорон озод мебошад. Аз даври якуми озмун барои олимон ба даври дуюм аз ҳар як муассиса на зиёда аз 3 довталаб роҳ ёфта, ғолибони озмун дар даври дуюм муайян карда мешаванд. Ғолибони даври якуми озмуни омӯзгорон дар ҳайати на зиёда аз 3 довталаб аз ҳар як шаҳру ноҳия барои иштирок дар даври дуюм ҳуқуқ пайдо мекунанд. Аз даври дуюми озмун ба даври сеюм ба миқдори на зиёда аз 4 омӯзгор аз вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ роҳ мeёбанд. Ғолибони озмун барои омӯзгорон дар даври сеюм муайян карда мешаванд.

9. Барои даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун оид ба Ҷоизаи давлатӣ комиссияҳои дохилиидоравӣ, шаҳрӣ (ноҳиявӣ), вилоятӣ (шаҳри Душанбе, минтақавӣ) ва ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад.

10.Комиссияҳо оид ба Ҷоизаи давлатӣ дар даврҳои якум (барои олимон ва омӯзгорон) ва дуюми озмун (барои омӯзгорон) вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

-роҳбарии умумиро оид ба омодагӣ, ташкил ва баргузории озмун таъмин менамоянд;

-ҷой, мухлати баргузории даврҳои озмун, теъдоди иштирокчиёнро аз ҳисоби ғолибон муайян ва ба раиси комиссияи ҷумҳуриявӣ барои тасдиқ пешниҳод менамоянд;

-номгӯи маводи иттилоотии иловагиро, ки барои истифодабарӣ иҷозат дода шудааст, тасдиқ менамоянд;

-ҳангоми баргузории озмун шаффофиятро таъмин менамоянд;

-масъалаҳои баҳсталабро дар раванди баргузории озмун дида мебароянд;

-ҷамъбасти натиҷаи озмунро таъмин намуда, рӯйхати ғолибонро барои иштирок дар дарсҳои минбаъдаи озмун пешниҳод менамоянд;

-иштироки ғолибонро дар даври минбаъдаи озмун таъмин менамоянд.

11. Комиссия оид ба Ҷоизаи давлатӣ дар даври ҷумҳуриявӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-баргузории озмунҳои то даври ҷумҳуриявиро назорат намуда, баргузории даври ҷумҳуриявии озмунро бевосита роҳбарӣ менамояд;

-ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мухлат ва баргузории даври ҷумҳуриявии озмун ва теъдоди иштирокчиёни даври ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби ғолибони даври дуюм барои олимон ва даври сеюми озмун барои омӯзгорон таклиф пешниҳод менамояд;

-бо комиссияҳо оид ба Ҷоизаи давлатии даврҳои озмун мубодилаи иттилоотии зеринро ба роҳ мемонад;

-баргузорӣ ва натиҷагирии даврҳои озмунро баррасӣ ва таҳлил намуда, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи дахлдор пешниҳод менамояд;

-дипломи ғолибони озмунро омода мекунад;

-тартиби васеи рафти баргузорӣ ва натиҷаҳои озмунро тавассути воситаҳои ахбори омма ба роҳ мемонад.

12. Барои баҳодиҳии корҳо ва фаъолияти иштирокчиёни озмун бо ҷалби мутахассисони соҳа комиссияи экспертӣ таъсис дода мешавад. Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба Ҷоизаи давлатӣ ҳамзамон метавонад ба ҳайси комиссияи экспертӣ баромад намоянд.

13. Комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ таъсис ёфта, аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад. Ба ҳайати комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври дохилиидоравӣ барои одамон роҳбари муассисаи илмӣ, муовинони ӯ ва олимони соҳаҳои дахлдор шомил гардида, он аз ҷониби роҳбари муассиса тасдиқ карда мешавад. Ҳайати комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) бо пешниҳоди сардорони раёсатҳо ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва даври вилоятӣ (шаҳри Душанбе) бо пешниҳоди сардорони сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи вилоятҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳайати комиссия оид ба Ҷоизаи давлатиро барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ мекунад.

14. Озмун барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ ҳар сол як маротиба гузаронида мешавад. Ғолибон ҳуқуқи такроран иштирок кардан дар озмун ва сазовор гаштан ба Ҷоизаи давлатиро надоранд.

**3. Шартҳои баргузории озмун**

15. Довталабе, ки дар озмун ширкат меварзад, бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро татбиқи замимаи Низомномаи мазкур вобаста ба корҳои анҷомдодааш пешниҳод намояд.

16. Комиссияҳои даври якум барои олимон ва даври дуюм барои омӯзгорон ӯҳдадоранд, ки то 1 апрел ба Вазорати маориф ва илм натиҷаҳо ва маводи озмунҳоро пешниҳод намоянд.

17. Маводи ба озмун барои олимон пешниҳодшуда дар шакли холгузорӣ аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

1) барои ҳар як навоварӣ, намунаи маводи навоварӣ (инноватсионӣ), ки дар натиҷаи иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва навоварӣ тибқи шартнома аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ ё ғайрибуҷетӣ ё ин ки аз ҳисоби маблағгузории омехтаи буҷетию ғайрибуҷетӣ ба даст оварда шудааст аз 10 то 50 хол;

2) барои ҳар як ихтироот, модели муфид, намунаи маводи инноватсионии бо ташаббуси муҳаққиқ пешниҳодшаванда ва ҳуқуқ барои патенти он – аз 10 то 50 хол;

3) иловатан барои ҳар як патент барои ихтироот ё модели муфид, ки дар якҷояги бо донишҷӯёну магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос амалӣ шудааст-аз 10 то 20 хол;

4) барои ҳар як ихтироот, ки дар хориҷа патент гирифта шудааст –аз 30 то 60 хол;

5) барои китоби дарсӣ ва маводи таълимӣ-методӣ – аз 10 то 30 хол;

6) барои омода намудани донишҷӯёну магистрантон, докторантон аз рӯи ихтисос ба озмуну олимпиадаҳо, ки ҷои ифтихориро ишғол намудаанд:

-дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ –аз 10 то 30 хол;

-дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ – аз 20 то 50 хол;

7) барои ҳуҷҷати тасдиққунандаи дар истеҳсол ҷорӣ намудани ихтироот ва инноватсия бо нишон додани самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз 10 то 30 хол:

8) барои иштирок дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ аз 10 то 30 хол.

18. Маводи ба озмун барои омӯзгорон пешниҳодшуда дар шакли холгузорӣ аз рӯи меъёрҳои зерин баҳогузорӣ мешавад:

1) барои ҳар як навоварӣ дар таҷрибаи педагогӣ ва нашри мақолаҳои илмию методӣ – аз 10 то 50 хол;

2) барои ҳар як патенет барои ихтироот ё модели муфид, ки дар якҷояги бо хонандагон аз рӯи равия татбиқ шудааст – аз 20 то 50 хол;

3) барои донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, донишҳои соҳавӣ ва сатҳи забондонӣ- аз 10 то 30 хол;

4) дастур ва китобҳои дарсии нашршуда-аз 10 то 30 хол;

5) барои маҳорати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ – аз 10 то 30 хол;

6) барои омода намудани хонандагон аз рӯи равия ба озмуну олимпиадаҳо, ки ҷои ифтихориро ишғол намудаанд;

-дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ – аз 20 то 50 хол;

-дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ-аз 30 то 60 хол;

7) иштироки фаъолона дар чорабиниҳои илмиву педагогӣ ва корҳои ҷамъиятӣ – аз 10 то 30 хол.

19. Ғолибони озмун аз рӯи ҷамъи умумии холҳои бадастовардаи довталабон ва хулосаи коршиносон муайян карда мешаванд.

**4. Ҷамъбасти озмун ва чораҳои ҳавасмандгардонӣ**

20. Озмун аз рӯи натиҷаҳои ҳар як давр ҷамъбаст гардида, ғолибон аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-педагогӣ ва фаъолияташон дар даври ниҳоӣ муайян карда мешаванд.

21.Дар мавриди ба миён омадани ҳолатҳои баҳснок бо мақсади таъмини шаффофияту воқеият дар баҳогузории натиҷаҳои корҳои иштирокчиёни озмун маводи озмунӣ барои баҳодиҳӣ ба коршиносии мустақил, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм аз ҳисоби мутахассисони соҳа муайян мегарданд, дода мешавад. Ба коршиносони мустақил хулосаи комиссияи экспертӣ доир ба маводи озмунӣ дода намешавад.

22. Қарори комиссия оид ба Ҷоизаи давлатии даври ҷумҳуриявӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

23. Теъдоди умумии Ҷоизаи давлатӣ 15 ададро ташкил дода, аз он 6 ҷоиза ба шахсоне, ки унвони илмӣ доранд ва 9 ҷоиза ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва ибтидоии касбӣ дода мешавад.

24. Ғолибони даври ҷумҳуриявии озмун бо Диплом ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд. Мукофоти пулӣ барои ҳар як ғолиб 20 000 (бист ҳазор) сомониро ташкил медиҳад.

25. Ҷоиза аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо дастури ӯ аз тарафи шахси масъули дигар супорида мешавад.

26. Дар ҳолати вафот кардани ғолиби озмун Диплом ва мукофоти пулӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ӯ дода мешавад.

**5. Маблағгузории озмун**

27. Хароҷоти барои гузаронидани озмун дар даври дохилиидоравӣ, ба зиммаи муассисае, ки довталабон дар он кор мекунанд ва хароҷот барои даврҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ бошад, ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта мешавад. Кумитаҳои иттифоқи касаба ва сарпарастон, сармоягузороне, ки бо муассисаҳои таълимӣ, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо ҳамкорӣ доранд, метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кор саҳм гузоранд.

28. Хароҷоти гузаронидани даври ҷумҳуриявии озмун ба зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида метавонанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кор саҳм гузоранд.

29. Хароҷоти барои иштироки олимону омӯзгорон дар озмун ва ҷои кори асосии онҳо тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

# Масъулиятафзои аҳли маориф

Ироаи Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар поёни соли 2021 шукӯҳу шаҳомат ва муҳтавои таърихии ин солро, ки ба шарофати ҷашни фархундаи сиюмин солгарди Истиқлоли давлатии Ватани азизамон ба миён омада буд, дучанд афзуд. Паёми навбатии Сарвари кишвар хеле фарогиру пурмазмуну бавусъат буд ва дастури бунёдии пурмуҳтавое гардид барои кормандони тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат дар дарозои соли навини 2022 ва



чанд соли минбаъд. Метавон ҳамовоз бо эҷодкори воқеъбине гашт, ки гуфтааст:

*Бо ҳидоятҳои некуи Паём*
*Зиндагии мо бигардад бомаром.*

Месазад ёдовар шуд, ки ҳадафи аслии ҳар як Паёми Президенти мамлакат дар заминаи комёбиҳои бадастомада минбаъд ҳам ривоҷ бахшидани иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар ва ба ин васила, пеш аз ҳама, боз ҳам беҳтар кардани ҳаёти осоиштаву рӯзгорони саодатмандонаи мардум мебошад. Дар Паёми навини Пешвои миллат, ки дар ҳошияи солҷашни Истиқлоли давлатӣ садо дод, ба таври мантиқӣ нахуст руҷӯъе ба муҳимтарин ҳаводиси дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон рухдода карда шуд. Сардори давлат барҳақ иброз доштанд, ки муҳимтарин дастоварди миллат дар ин давра барқарор кардани сохтору мақомоти меҳварии давлатӣ, тақвиятбахшӣ ба рукнҳои давлатдорӣ, таъмини волоияти қонун ва арҷгузорӣ ба зиндагии шоистаи тамоми сокинони ҷумҳурӣ мебошад. Заминагузории дурусту устувор ба давлатдории миллӣ дар иртибот ба хиради Пешвои миллат буд, ки минбаъд мамлакат марҳила ба марҳила рушд ёфт, пеш рафт ва дар арсаи байналмилалӣ обрӯю эътибори шоиста дарёфт.

Сарвари кишвар дар Паёми навбатӣ вобаста ба тамоми бахшҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ибрози назар бинмуда, зимнан мулоҳизаҳои судманд ироа карданд ва дастуру пешниҳодҳои созанда ба миён гузоштанд. Дар қатори андешаҳои пурдалел оид ба соҳаҳои иқтисод, саноат, фарҳангу тиб, сиёсати дохилию хориҷӣ дар Паём ба масоили ҳамбаста ба таълиму тарбия ва ахлоқи насли наврас дахл карда шуд. Пешвои миллат падарона ва батакрор таъкид намуданд, ки Ватанро танҳо ашхоси хуб таҳсилдида, ҳамқадами замон, бо донишгоҳи техникӣ мусаллаҳ ва дорои одоби ҳамида ободу пешрафта карда метавонанд. Ватан аз насли наврас – мутахассисони оянда умеди калон дорад. Бояд наврасону ҷавонони мо аз ҳама гуна ҳаракату созмону равияҳои иртиҷоиву тахрибкор эмин бошанд, роҳи дурусти зиндагиро интихоб намоянд, ҳамеша дар дилашон ишқи Ватан ҷӯш занад. Дар ин самт соҳаи маорифи кишвар бори масъулияти ҷиддӣ ба дӯш дорад. Дар Паём зикр шуд, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва аҳли маориф – омӯзгорони шарафмандро мебояд, ки фаъолияти худро такмил бахшанд, усулҳои пурсамару замонавии таълиму тарбияро ба кор гиранд, мунтазам такмили ихтисос намоянд. Дар иқтибоси зерин аз Паём муҳимтарин вазифаҳои аҳли маориф дар марҳилаи имрӯзини ҳаёти мамлакат дақиқ нишон дода шудааст: «Зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад». Ба ин гуна, ҳоло вобаста ба талабот ва рӯҳияи замон масъулият ва вазифаҳои аҳли маориф боз ҳам вусъат ёфтааст. Ба як сухан, Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ оғозбахши марҳилаи нав дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар, ба вижа, соҳаҳои илму маориф ва фарҳанг гардид, ки ин аз ҳар яки мо, алоқамандонаи таълиму тарбия, масъулияти ҷиддӣ тақозо дорад.

***Сарвиноз ДАВЛАТБОЕВА,***
***устоди Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов***

**ҲАМОИШ**

# Рӯзи хатмкунанда дар ДДҲБСТ

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамоиши “Рӯзи хатмкунанда” баргузор гардид.

Вобаста ба ихтисос дар толору маҷлисгоҳҳои донишгоҳ роҳбарон ва намояндагони мақомоту идораҳо бо хатмкунандагон суҳбату мулоқоти судманд анҷом доданд. Дар ҳамоиш раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Суғд Зуфар Исмоилзода, ходими давлативу ҷамъиятӣ Шуҷоат Ҳасанова, собиқадори хизмати давлатӣ Мунаввара Дадобоева ва як идда роҳбарони мақомоту идораҳо, муассисаву ташкилотҳои бонкӣ, роҳбарону намояндагони корхонаҳои саноатӣ ширкат варзиданд. Дар мулоқот роҳбарону намояндагони мақомоти прокуратура, суд, раёсати андози вилояти Суғд, РВКД ЧТ дар вилоят, адвокатура, Раёсати омори назди Президенти ЧТ дар вилояти Суғд, Нотариуси шаҳри Хуҷанд, ҳамзамон, намояндагони коргоҳҳои ҶДММ «Фаровон-1», «Ҷавонӣ», «Наҷм», инчунин, ташкилотҳои қарзии - ТАҚХ «Матин», «Бонки Эсхата», Филиали ҶСК «Комерсбонки Тоҷикистон», «Имон интернешил», ҶСП «Ҳумо», ҶСП «Спитаменбонк» , «Арванд» ва намояндагони ширкатҳои мобилӣ иштирок ва перомуни фаъолияти коргоҳу муассисаи худ ба хатмкунандагон маълумот доданд.

Ректори донишгоҳ, профессор Муъмин Шарифзода аз роҳбарону намояндагони мақомоту идора ва ташкилотҳои ташрифоварда ҷиҳати ҳамкории пурсамар бо донишгоҳ изҳори сипос намуд.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

**Дар ДДФСТ ба номи М. Турсунзода дар мавзуи «Фарҳанг кафолати ваҳдати миллист» ҳамоиш доир шуд.**

*Ба гетӣ ба ҷуз тухми некӣ макор!*
*Фирдавсӣ*

«Омӯзгор»
№ 6, 10 феврали
соли 2022

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Нақшаю ҳадафҳо иҷрошавандаанд

***3-юми феврали соли ҷорӣ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ нишасти матбуотии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он вазири маориф ва илм Муҳаммадюсуф Имомзода, муовини якум ва муовинони вазир, сардорони раёсат, шуъба ва бахши дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардори сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, роҳбарони марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузоришаванда дар соҳаи маориф ва 65 нафар намояндаи васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ иштирок намуданд.***

Нахуст, М. Имомзода иброз дошт, ки дар соли сипаригашта 4 стратегияву барномаи давлатии соҳаи маориф бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки иҷрои талаботи онҳо ба рушду нумуи соҳаи маориф ва илми кишвар мусоидат



хоҳанд кард. Ҳамчунин, тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҷдиди назар намудани барнома ва стандартҳои давлатии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, лоиҳаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Бори нахуст ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» тағйиру иловаҳо ворид гардид, ки дар маҷмуъ, ҳамаи маблағҳои соҳаи маориф ҳимояшаванда маҳсуб меёбанд. Ислоҳоти мазкур барои беҳбудии вазъи молиявии соҳаи маориф такони ҷиддӣ мебахшад. Инчунин, бори нахуст Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ дар лоиҳаи нави маблағгузории ташкилоти Шарикии Глобалии Маориф (CPE) дар миёни 76 давлат ба ҳайси гирандаи грантҳои пилотӣ интихоб гардид ва нақшаи стратегии мо барои амалишавии Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ аз нақшаҳои стратегии муваффақ дониста шуд.

Бо қабул шудани Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, имконияти зиёди ҷалби маблағҳои грантӣ барои соҳаи маориф фароҳам оварда шуд. Айни замон 19 ташкилоти байналхалқӣ барои дастгирӣ ва маблағгузорӣ намудани стратегияи мазкур таклифу пешниҳодҳо намуданд.

Дастоварди дигар ва боиси ифтихори ҳар фарди кишвар иштироки хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳо мебошад. Соли 2021 хонандагони тоҷик дар 36 олимпиадаи байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 648 ҷойи ифтихорӣ, аз ҷумла, 79 медали тилло, 190 медали нуқра ва 379 медали биринҷӣ гардиданд. Ҳамзамон, дар даври ҷумҳуриявии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар соли 2021 хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои бе имтиҳон қабул шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба ихтисосҳои филологияи тоҷик ва филологияи рус, донишҷӯёну магистрантону аспирантон барои қабул шудан ба зинаи дигари таҳсил аз рӯйи самту ихтисос соҳиби роҳхат гардиданд.

Сипас, саволу ҷавоб сурат гирифта, аз ҷониби 17 нафар намояндаи ВАО 33 савол вобаста ба масоили соҳа, аз ҷумла, сохтмони мактабҳо, аз таҳсил дур мондани духтарон, ҷалби магистрантону омӯзгорон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, иҷро нашудани нақшаи қабул дар зинаи магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, тарки касб намудани омӯзгорон, таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ барои аққалиятҳои миллӣ, бе имтиҳон дохил шудани иштирокчиёни озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ба муассисаҳои таълимии касбӣ, ҷудо намудани маблағ барои таъмири муассисаҳои таълимӣ, таҳсили хонандагони ношунаво дар муассисаҳои таълимӣ, сифати таҳсилот ва мустаҳкамнамоии базаи модиву техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ифтитоҳи филиалҳои мактабҳои олии хориҷӣ дар Тоҷикистон, таҳсили хонандагону донишҷӯёни афғон дар Тоҷикистон, дар муассисаҳои таълимӣ ба кор ҷалб намудани омӯзгорони афғон, таъмини хонандагон бо хӯроки гарм, сохтмони панҷ мактаб аз ҷониби Федератсияи Россия, фаъолияти омӯзгорони рус дар Тоҷикистон, таҳсили шаҳрвандони тоҷик дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ, таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар мактабҳои олии Қирғизистон ва чанде дигар пешниҳод гардид, ки ба ҳар кадоми он вазири маориф ва илм, сардорони раёсату шуъбаи вазорат ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ посух доданд.

Шоистаи таъкид аст, ки фаъолияти Вазорати маориф ва илми кишвар дар соли 2021 пурсамар буд. Шурӯъ аз зинаи таҳсилоти томактабӣ то муассисаҳои олии касбӣ ба пешравиҳои чашмрас ноил гардиданд. Бояд гуфт, ки таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад. Теъдоди муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 696 ва шумораи тарбиятгирандагон ба 101170 нафар расидааст, ки дар муқоиса бо соли гузашта 18 муассиса ва 4006 нафар кӯдак зиёд мебошад.

Таҳсилоти умумӣ яке аз зинаҳои хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти наврасону кӯдакон маҳсуб меёбад. Яъне фарогирии саводу дониш дар ҳамин синну сол сурат гирифта, раванди минбаъдаи ҳаёти кӯдак дар замони таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайяну муқаррар мегардад. Соли таҳсили ҷорӣ теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3940 адад (аз ҷумла, муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ 310, муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ 426 ва муассисаи миёнаи умумӣ 3204)-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, дар ҷумҳурӣ 156 муассисаи типи нав, яъне 75 гимназия ва 81 литсей фаъолият дорад. Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 128 ҳазору 827 нафар (80 170 зан)-ро ташкил медиҳад.

Дар ин замина, соли сипаришуда дар сохтори вазорат шуъбаи сифати таҳсилот таъсис ёфт. Ҳамзамон, “Барномаи идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Барномаи меъёрҳои санҷиши идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия ва тибқи муқаррарот тасдиқ шуд. Шуъба дар ин давра 104 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 15 шаҳру ноҳияро мавриди санҷиш қарор дода, зиёда аз 5 ҳазор хонанда корҳои хаттӣ ва тестӣ аз фанҳои математика ва забони тоҷикӣ гирифт. Санҷиш нишон дод, ки дар ин муассисаҳои таълимӣ сифати таҳсилот ба 32,2% ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 78,3% баробар аст.

Дар 82 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ аз рӯи 9 равия (омӯзгорӣ, тиббӣ, техникӣ, технологӣ, кишоварзӣ, иқтисодӣ, фарҳанг, ҳуқуқ ва варзиш), 206 ихтисос ва дар 62 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи 15 равия (иқтисодӣ, техника ва технология, нақлиёт, техникаи радиоэлектронӣ, энергетика, саноати кимиёвӣ, саноати сабук, саноати кӯҳӣ, меъморӣ, сохтмон, кишоварзӣ, металлургӣ, сайёҳӣ, хизмати маишӣ ва хӯроки умумӣ) мутахассисон омода гардида, бо назардошти рушди корхонаҳои саноатӣ дар кишвар, пайдо шудани талабот ба ихтисосҳои нав ҷиҳати кушодани ихтисосҳои нав дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ пайваста шароит фароҳам оварда мешавад.

Дар 42 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 234652 ҳазор нафар донишҷӯ таҳсил менамояд, ки ба онҳо 12697 нафар



омӯзгор таълим медиҳад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ва тайёр намудани мутахассисони касбии дар бозори меҳнат рақобатпазир ҷиҳати аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳкими ҳамкориҳои минбаъда Созишнома оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги Ҷумҳурии Қазоқистонро ба имзо расонид. Дар ин раванд то имрӯз Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (3 ихтисос), Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (3 ихтисос), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (4 ихтисос), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (5 ихтисос) аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуданд.

Сол то сол илми кишвар рушду такомул меёбад ва айни замон имконоти мусоид ҷиҳати ҳимояи рисолаҳои илмӣ ба вуҷуд омадааст. Феълан дар ҷумҳурӣ 54 шӯрои диссертатсионӣ амал менамояд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, аз рӯи 145 ихтисоси анъанавӣ ва 122 ихтисоси доктори фалсафа (PhD) рисолаҳои номзадӣ ва доктoриро ба ҳимоя қабул менамоянд. Дар шӯроҳои мазкур то имрӯз 1082 нафар рисолаҳои илмии худро дифоъ намуданд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд.

Таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои таълимию дарсӣ аз масъалаҳои муҳими соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Дар соли 2021 37 номгӯйи китоби дарсӣ ба миқдори 2 млн. 889 ҳазору 320 нусха барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, 138 ҳазору 900 нусха адабиёти гуногуни таълимиву методӣ ба нашр расида, чопи 31 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди 3 млн. 197 ҳазору 840 нусха дар чопхонаҳои ватанӣ идома дорад.

Ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ 159 номгӯй китоби дарсӣ ба миқдори 2 млн. 680 ҳазору 825 нусха, 52 номгӯй китоби бадеӣ ба миқдори 1 ҳазору 814 нусха, 111 номгӯй маводи таълимӣ (барномаи таълим, дастурҳои методии роҳнамои омӯзгор, журнали синф ва ғайра) ба миқдори 176 ҳазору 166 нусха дастрас гардонида шудааст. Илова бар ин, 24 номгӯй адабиёти таълимиву бадеӣ ба миқдори 28 ҳазору 467 нусха ба таври ройгон ба шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ ирсол карда шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таъмин гардонидани рушди иқтисодии кишвар, ҷиҳати ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани фаъолияти инфрасохтори ҳамаи бахшҳои иҷтимоӣ ва дар навбати аввал, соҳаи илму маориф пайваста диққати махсус зоҳир намуда, то имрӯз дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст. Соли 2021 дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 217 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 48281 ҷойи нишаст бо маблағи 523 млн. 970 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуд.

***Н. НУРАЛИЗОДА,***
***Н. ОХУНЗОДА,***
***“Омӯзгор”***

**Дар ноҳияи Шаҳринав теъдоди корхонаҳои саноатӣ ба 18 адад расид.**

БОЗДИД

# Шиносоии вазир бо вазъи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Деваштич, Ашт ва Истаравшан

Дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода, муовини вазири маориф ва илм Нуралӣ Собирзода ва намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо вазъи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 5, 30 ва 35-и ноҳияи Деваштич аз наздик шинос гардиданд.

Дар ҷараёни боздид аз ин муассисаҳо, вазири маориф ва илм ба баланд бардоштани сифати таҳсил, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ҷараёни иҷрои барномаҳои давлатӣ, корҳои ободонию бунёдкорӣ ва дигар мушкилоти марбут ба таълиму тарбия таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, бо омӯзгорону сокинони деҳот суҳбатҳои судманд анҷом дод.

Ҳангоми боздид аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5 иттилоъ дода шуд, ки сохтмони муассисаи таълимии рақами 5 дар деҳаи Ҳазорчашмаи ноҳияи Деваштич дар доираи амалигардонии лоиҳаи Фонди Саудии Рушд ба нақша гирифта шудааст. Фармоишгари иншоот Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи «Сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо» мебошад.

Тибқи лоиҳа, бинои таълимии сохташаванда аз 4 ошёна иборат буда, барои 620 ҷойи нишаст дар як баст пешбинӣ гардидааст. Инчунин, иншооти сохташаванда дорои ошхона, маҷлисгоҳу толори варзишӣ мебошад. Бинои муассисаи таълимӣ ба шабакаи гармидиҳии худмухтор пайваст гардида, дар фасли зимистон бо гармӣ таъмин карда мешавад. Тибқи нақша, сохтмони иншоот соли равон ба анҷом расонида мешавад.

***

Ҳамчунин, роҳбарияти вазорат ҷиҳати аз наздик шиносоӣ пайдо намудан аз вазъи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ва рафти корҳои сохтмонии иншооти соҳа ба ноҳияи Ашт сафар намуд.

Зимни боздид аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№4, 7, 11, 25, 65, кӯдакистони хусусӣ ва бинои шуъбаи маориф иттилоъ дода шуд, ки бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65 аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7 ва №25 аз ҳисоби Фонди Саудии Рушд, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11 аз ҷониби соҳибкорону аҳолӣ ба тариқи ҳашар, бинои шуъбаи маориф аз ҷониби раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илм ва бинои кӯдакистон аз ҷониби соҳибкор Истамой Мадалиева сохта шуда истодаанд.



Ҳангоми суҳбат бо пудратчиён, сохтмончиён ва дигар масъулони соҳа, вазири маориф ва илм ҷиҳати бо сифати баланд ва дар муҳлатҳои муайяншуда ба итмом расонидани корҳои сохтмонӣ ва ба соли нави таҳсил омода намудани муассисаҳои таълимӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

***

Вазири маориф ва илм аз ҷараёни корҳои сохтмонии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии деҳаи Сӯфиорифи шаҳри Истаравшан, ки бо дастгирии вазорат аз ҷониби Фонди Саудии Рушд бунёд шуда истодааст, боздид ба амал оварда, барои ҳарҷӣ зудтар бо сифати баланд ба итмом расонидани корҳои сохтмонӣ ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Дар идомаи сафар, инчунин, ба Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан ташриф оварда, рафти корҳои сохтмонии бинои нави таълимии муассисаи мазкурро аз назар гузаронид.

Зимни боздид аз муассиса таъкид гардид, ки бинои мазкур бо супориши бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Вазорати маориф ва илм бунёд шуда истодааст.

Дар ҷараёни сафар вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Литсейи №1-и шаҳри Истаравшан ташриф оварда, бо ҳайати омӯзгорон мулоқоти корӣ анҷом доданд. Дар суҳбат вазири маориф ва илм ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, иштироки хонандагон дар озмуну олимпиадаҳои гуногун, таъминоти хонандагон бо китобҳои дарсӣ, вазъи зимистонгузаронии муассиса ва дигар масъалаҳои марбут ба соҳаи таълиму тарбия таваҷҷуҳ намуд.

# Оғози сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ ва шуъбаҳои маориф дар Хатлон

Бо мақсади амалигардонии «Барномаи давлатии рушди соҳаи маорифи вилояти Хатлон» аз ҳисоби лоиҳаи муштараки «Бонки Исломии Рушд/Шарикии глобалӣ дар соҳаи маориф оид ба дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон



сохтмони як қатор биноҳои муассисаҳои таълимӣ ва шуъбаҳои маориф ба нақша гирифта шудааст. Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи «Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна» амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади амалигардонии лоиҳаи мазкур, 27-28 январи соли ҷорӣ бо иштироки вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадюсуф Имомзода, директори иҷроияи Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи "Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна" Сатторӣ Баҳром, сардори раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илм Дилшод Сафарзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Ашӯралӣ Олимӣ ва масъулини шаҳру ноҳияҳои Данғара, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Восеъ ва Темурмалик ба сохтмони муассисаи таълимии №21 барои 192 ҷойи нишаст дар деҳаи Нурофари Ҷамоати деҳоти Сангтӯда ва сохтмони бинои муассисаи таълимӣ барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Шаҳбурии Нави ноҳияи Данғара, сохтмони бинои иловагӣ барои 240 ҷойи нишаст дар назди муассисаи таълимии №22, деҳаи Сомончии ноҳияи Фархор, сохтмони муассисаи таълимӣ барои 240 ҷойи нишаст дар маҳаллаи навбунёди Файзободи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, сохтмони бинои иловагӣ барои 192 ҷойи нишаст дар назди муассисаи таълимии №47, деҳаи Афғондилии ноҳияи Восеъ, сохтмони бинои муассисаи таълимии №10 барои 240 ҷойи нишаст дар деҳаи Чавроқ ва сохтмони бинои иловагӣ барои 240 ҷойи нишаст дар назди муассисаи таълимии №15, деҳаи Фалхободи ноҳияи Темурмалик расман оғоз бахшида шуд.

НАТИҶАГИРӢ

# Баррасии 160 лоиҳаи санадҳо

Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Иззатулло Саидзода зимни нишасти матбуотӣ таъкид намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ консепсияҳои лоиҳаҳои Кодекси бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шадои электронӣ», Кодексҳои гражданӣ (қисмҳои 1, 2, 3 дар таҳрири нав) ва экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ», «Дар бораи баҳои замин», «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» ва «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» мавриди таҳия қарор доштанд.

Ҳамзамон, таҳқиқи илмии мавзуи "Консепсияи қонун дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ" ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади таъминоти ташкилию методологии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, методологияҳои гузарондани экспертизаи таҳлили таъсири танзимкунӣ, тартиби гузарондани ташхиси муқоисавӣ - ҳуқуқӣ, корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва ғайра таҳия гардиданд.

Бо ташаббуси Марказ дар соли 2021 8 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, «Дар бораи шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ» ва «Дар бораи баҳои замин» таҳия гардиданд.

Дар ин давра аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо 160 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои гузаронидани ташхиси ҳуқуқӣ ворид гардиданд, ки Марказ ҷиҳати такмили онҳо 686 таклифи асоснок манзур намуд.

Бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ягонакунии истилоҳоти қонунгузорӣ аз ҷониби Марказ 1045 истилоҳоти ҳуқуқӣ ҷамъоварӣ гардида, дар заминаи он «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ» омода ва нашр шуд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***"Омӯзгор"***

МУҲИТИ ЗИСТ

# Сарчашмаи мавҷудоти олам

Аз қадимулайём тоҷикон ба об эътиқоди хоса доштанд. Воқеан ҳам, обу замин сарвати бебаҳо ва мояи асоси зиндагианд. Ба ҳамагон маълум аст, ки вобаста ба иқлими Осиёи Марказӣ бе обёрӣ аз замин ҳосили баланд гирифтан имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ, дар қатори моликият ба замин, моликият ба об низ аҳамияти калон дорад. Дар гузашта дар мамолики калони аграрӣ, алалхусус, сарзаминҳое, ки дар водии дарёҳо воқеъ буданд, (масалан, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ), кишоварзӣ танҳо зимни обёрии сунъӣ пайдо шуд ва минбаъд идомаю инкишоф ёфт. Боиси ифтихору сарбаландии ҳамагон аст, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чор қарори Маҷмааи Умумии Созмони Миллали Муттаҳид марбут ба масъалаҳои об дар асоси пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон қабул шуданд. Ин масъалаҳо проблемаҳои умумиҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, қатъномаи доир ба Даҳсолаи байналмиллалии "Об барои рушди устувор", солҳои 2018-2028 давоми мантиқии се пешниҳоди қаблан ва дар тамоми ҷаҳон роҳандозишудаи ҷониби Тоҷикистон аст, ки дурандешӣ ва бетараф набудани Сарвари давлати мо ба вазъи кунунии мубрам ва ояндаи боз ҳам ногувори аҳолии кураи заминро дар таъмини об, бахусус, оби нӯшиданӣ тасдиқ мекунад. Ба ғайр аз ин, 23 марти соли 2018 Пешвои миллат дар ИМА оид ба даҳсолаи байналмиллалии амал"Об барои рушди устувор" суханронӣ карданд. Бисёр масъалаҳои ҳифзи экологӣ низ ба ҳалли масъалаи об вобастагии зич доранд. Аз рӯи тадқиқотҳо, соли 2025 шумораи аҳолии кишварҳое, ки аз об танқисӣ мекашанд, ба 3 миллиард хоҳад расид. Тағйирёбии иқлим ва зиёдшавии аҳолӣ вазъиятро вобаста ба об боз ҳам мураккабтар мегардонад. Аз ин рӯ, инсониятро зарур аст, ки пайваста барои тоза нигоҳ доштан, самаранок истифода бурдани об кӯшиш намоянд. Ба об ҳар хел партовҳоро напартоянд, зеро захираҳои об дар таркиби дороиҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим дорад.

Тоҷикистон аз захираи об бой буда, қариб 7000 пирях, 155 кӯли гуногунҳаҷм, даҳҳо ҳазор чашмаоби маъданӣ ва обанборҳои зиёд дорад. Омӯзгоронро зарур аст, ки доир ба мавзуи об ба шогирдон мунтазам суҳбатҳои муассир баргузор намуда, дарси тарбиявӣ гузаранд.

***Фарангис ТУРСУНОВА,***
***омӯзгори таърихи МТМУ №19, шаҳри Хуҷанд***

*Наёяд зи пайкор ҷуз кори бад.*

*Фирдавсӣ*

«Омӯзгор»
№ 6, 10 феврали соли 2022

**БА ОЗМУНИ «ҲОМИИ ВАТАН БУДАН ШАРАФ АСТ»**

# Ҳам қарзу ҳам шараф

***Ватандӯстӣ ғояи асосии ҳар як давлат, бахусус, давлати соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад. Ватану ватандорӣ муҳимтарин фишанги ҳаракатдиҳандаи пешрафти ҷамъият аст.***

Воқеан, то кадом дараҷа ҳисси ватандӯстиамон ташаккул меёбад, он аз муҳити оилаву боғчаву минбаъд мактабу маҳалли зистамон алоқаманд аст, дар ин маврид рисолати Артиши миллӣ бузургтар аст, зеро он чун мактаби камолоту тарбияи ҷавони содиқу ватандӯст масъулияти бештарро ба зимма дорад, маҳз ҳангоми иҷрои хизмат ҷавонон паҳлу ба паҳлу аз мактаби родмардиву ҷасурӣ сабақи зиндагӣ меомӯзанду меҳру муҳаббат ва садоқат ба Ватан ҳамаи онҳоро сарҷамъ менамояд. Имрӯз бисёриҳо, бахусус, насли калонсоламон анъанаҳои хуби гусели ҷавононро ба хизмати ҳарбӣ ба хотир меоранду афсӯс мехӯранд, ки ин анъана аз байн рафтааст. Албатта, истифодаву пайравӣ аз анъанаҳои хуби гузашта ба манфиати кор аст. Дар баробари ин, имрӯз вақте бархе волидон садди роҳи хизмати фарзандон мегарданду дар ҷомеа мушкилоту нофаҳмиро ба миён меоранд, бешак, чунин рафтор муносибати нодуруст ва падидаи манфӣ барои ҷомеамон маҳсуб меёбад. Агар 15-20 сол қабл, чун дигар соҳаҳо дар мавриди хизмати ҳарбӣ мушкилоту душвориҳо мавҷуд буданд гӯем, шояд асос дошта бошад, зеро фаромӯш насозем, ки баъди ҷанги шаҳрвандӣ аз сифр, қариб ки дар ҷои холӣ ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳамон таъсис ёфт.

Мо бояд ба масъала ба таври дигар, воқебинона баҳо диҳем. Аввал ин ки, дар ягон давру замон дилхоҳ кишвар бе неруи ҳимоятгар - Қувваҳои Мусаллаҳи худ вуҷуд дошта наметавонад.

Муҳимтар аз ҳама, мо сол аз сол шоҳиди ба таври ихтиёрӣ ва муташаккилона ба хизмати ҳарбӣ сафарбар гаштани ҷавононамон гашта истодаем, ки чунин муносибати онҳо баҳри иҷрои қарзи шаҳрвандӣ ва конститутсиониашон шоистаи таҳсин аст. Ҳамзамон, имрӯз бо як ифтихормандӣ садҳо нафар ҷавон хоҳиши дар сафи Артиши миллӣ хизмат карданро доранд, ба иборai дигар, касби боифтихори афсарӣ ва шарафи ҳарбиро муқаддас медонанд, ки ин низ падидаи беҳтарин аст. Албатта, ин гуна ҷавонон шуури баланди ватандӯстӣ, ҳисси баланди муҳаббат ба Ватани худро доро буда, ба анъанаҳои гузаштагонамон ва армонҳои олии он садоқати зиёд доранд.

Барои насли ҷавонамонро ҳамчун неруи бунёдкору созанда, ватандӯсту ҳомии воқеии марзу бум ба камол расонидан, фикр мекунам, пайваста ба масъалаҳои зерин бояд диққат диҳем;

Якум, волидон дар оила, дар ниҳоди фарзандон ҳисси нафрату бадбиниро ба рафтору хислатҳои ношоиста, чун бекорӣ, бадбинӣ, зӯроварӣ парвариш намуда, баръакс, онҳоро аз хурдӣ дар муҳити муносибатҳои гуманистӣ – шафқату меҳрубонӣ, қатъияту талаботи ягона парвариш намоянд.

Дуюм, садди ба хизмати ҳарбӣ рафтани ҷавонон нагардему ҳар гуна ақидаҳои носолими беасосро миёни ҷавонон дар мавриди хизмати ҳарбӣ паҳн насозем. Мутаассифона, имрӯз бархе волидон ва афроди ҷомеа хизмати ҳарбиро макони пурхатар маънидод намуда, бо ин амал ҷавононро аз хизмати ҳарбӣ дилсард мегардонанд. Баръакс, мебояд дар қалби фарзандон меҳру муҳаббат ба сарзамину диёрро бештар талқин намоему фарзандонро ба хизмати Ватан роҳнамоӣ ва аз ин ифтихор намоем.

Сеюм, дар тамоми шароиту вазъи ҷомеа рӯҳияи шикастонопазириро миёни сокинон, бахусус, ҷавонон тарғиб бояд намоем. Воқеан, мардуми тоҷикро ҳанӯз аз қадим ин хислату фазилатҳояш аз ҳар мушкилот эмин медошту медорад.

Чорум, манбаъҳои шинохти Ватан барои миллатамон хеле зиёданд, ки яке аз чунин манбаъҳо ба насли ҷавон фидокориву корнамоиҳои абармардони олами маънавии гузаштаву муосир, ба мисли Куруши Кабиру Спитамен, Ҷомиву Бедил, Айниву Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемуру Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзодаро бештар омӯзем ва онҳоро ҷиҳати пайравӣ аз ин гуна ашхоси бузург бештар ҳидоят намоем.

Панҷум, робитаву ҳамкориҳоро бобати сафарбарии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ боз ҳам таҳким бахшем, дар ин самт, аз ҷумла, ташкили боздиди хонандагони синфҳои болоӣ ва ҷавонони синни даъватшаванда, инчунин, волидони сарбозон аз қисмҳои ҳарбӣ натиҷаҳои хуб медиҳанд.

Шашум, корҳои фаҳмондадиҳиро миёни аҳолӣ, бахусус, насли ҷавон бештар намоем. Имрӯз тавассути шабакаҳои телевизион ва матбуот барномаву гӯшаҳои алоҳида, чун “Ҳомиёни Ватан”, “Марзбони Ватан”, “Ватанпарвар” пахшу нашр мегарданд, бояд шумораю сифати чунин барномаву гӯшаҳоро бештару беҳтар намоем. Холисона бояд зикр намуд, ки худи эълон гаштани ҳамин озмун дар рӯзномаи “Омӯзгор” иқдому тадбири беҳтаринест, бобати баланд бардоштани ҳисси худшиносиву ватандӯстии ҷавонон. Дигар нашрияву рӯзномаҳо низ бояд дар ин маврид бештар тадбирҳо андешанд.

Дар маҷмуъ, вақте мо ҷавони солимақлу бомаърифатро ба воя мерасонем, вай ба қадри сарзамини биҳиштосо мерасаду ҳеҷ гоҳ фирефтаи ҳар гуна дасиса намегардад ва қодир аст, ки аз Ватан дифоъ намояд. Шахси воқеан ватандӯст хиёнаткор буда наметавонад, ӯ ҳеҷ гоҳ тарки Ватан намекунад, маҳз ватандӯсти воқеӣ аз Ватан, аз марзу буми он ҳимоя месозад.

***Мавлон ШАРИФОВ,***
***баранданi Ҷоизаи Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рӯзноманигорӣ***



# Масъулиятшинос

***Моҳи феврал буд. Муаллима бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ машғулияти тарбиявӣ гузаронд ва дар он Наимҷон суруди Мирсаид Миршакар "Кай аскарӣ меравам?"-ро сароида, ҳамаро ба ҳайрат гузошт. Барояш модараш бо як ҳавас либоси низомӣ дӯхта буд ва ба ӯ хеле мезебид. Ба назари модар гӯё Наимҷон як ҷавони хушқаду қомат барин менамуд, ки навакак аз хизмати ҳарбӣ баргашта бошад.***

Модар оҳ кашида худ ба худ гуфта буд: “Кошки, Наимҷонам калон шаваду мисли ҷавонони имрӯза ба хизмати аскарӣ рафта, чунин либоси шинаму зеборо пӯшад. Ман ҳам мисли дигар модарон бо сари баланд аз чунин писари аскарзебам ифтихор намоям. ”

Наимҷон ҳамон вақт дар синфи дуюми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 таҳсил мекард. Солҳо сипарӣ гардиданд. Дар дили Наимҷон орзуи либоси ҳарбӣ пӯшидан ва ба Ватан содиқона хизмат кардан рӯз то рӯз зиёд мешуд. Ҳамин ки дар телевизион ё дар кӯчаҳо ҷавони либоси ҳарбӣ пӯшидаро медид, бо ҳавас ба ӯ менигарист ва рӯзе ба хона омада ба модараш гуфт:

- Модарҷон, ҳамин ки мактабро хатм кардам, албатта, ба хизмати ҳарбӣ меравам. Мехоҳам либоси низомӣ пӯшам, ин либос ин қадар зебост, бинед, акои Рустам аз хизмат баргаштаанд ва бо сари баланд дар кӯчаҳо қадам мезананд, ҳама бо ҳавас менигаранд. Пеш аз хизмат касе акои Рустамро намешинохт. Мегӯянд, ки Рустам ҷавони хушқад шудааст. Ман ҳам мехоҳам мисли ҳамон кас бошам. Ҷон модарҷон, шумо ба падарам гӯед, монеъ нашаванд, мақсади ман қатъӣ аст. Баъди хатми синфи 9-ум, соли 2000-ум Наимҷон Ҷалолов бо амри тақдир ва розигии волидайнаш ба литсейи ҳарбии ба номи генерал М.Тошмухаммедов дохил шуд. Дар тӯли се сол дар ин даргоҳ на фақат дониш гирифт, балки дарси ҷасорату мардонагиро омӯхт, ҳисси ватанпарвариаш бедор гашт, хислатҳои вафодорӣ, фидокорӣ, садоқат ва рафоқат низоми корбариаш гардид. Маъмурияти литсейи ҳарбӣ ӯро дар қатори беҳтарин тарбиятгирандагон ном гирифта, тавсия дод, ки метавонад таҳсилашро дар донишгоҳи олии ҳарбӣ – Академияи ҳарбӣ идома диҳад. Худи ҳамон сол бо пешниҳоди Вазорати мудофиаи кишвар ва мушовирон -омӯзгорон аз Ҳиндустон, Наимҷон Ҷалолов барои идомаи таҳсил ба хориҷи кишвар - Академияи мудофиавии миллии Ҷумҳурии Ҳиндустон фиристода шуд. Таҳсил дар хориҷи кишвар, дур аз ёру диёр муҳаббати ӯро ба падару модар, хешу таборон ва алалхусус, ба Ватани биҳиштосояш дучанд гардонида буд. Ӯ мехост чун уқоби баландпарвоз ҳарчӣ тезтар парвозкунон ба Ватан баргардад, донишу малака ва машқу тармимҳои дар давраи таҳсил омӯхтаашро ба ҳамсолону ҷавонаскарон омӯзонад, ба халқу Ватанаи азизаш содиқона хизмат намояд. Наимҷон нахустин афсаре буд, ки аз вилояти Суғд ба хориҷи кишвар рафта, таҳсили ҳарбӣ мекард. Пас аз хатми Академияи мудофиавии миллии Ҷумҳурии Ҳиндустон Наимҷон ба Ватан баргашт. Ӯ дар вақти таҳсил на фақат малакаю маҳорати таълими ҳарбиро омӯхт, балки забони англисиро низ азхуд карда буд. Ӯро чун донандаи забони англисӣ се сол дар ситоди генералии Қувваҳои Мусаллаҳ, 4 сол дар қисми ҳарбии сулҳпарвар ва ду сол дар Раёсати тайёрии ҷангии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмат гирифта буданд. Дар давраи хизмат аз рутбаи ҳарбии лейтенантӣ то ба рутбаи майорӣ расид. Пас аз варақгардон кардани варақаи шахсиаш фаҳмидам, ки чӣ дар давраи таҳсил ва чӣ дар давраи хизмат барои ҷасорату хизматҳояш 16 медал гирифтааст, ки ин барояш хеле арзиш дорад.

Соли 2016 ба сабаби вазъи оилавӣ ба зодгоҳаш, ба назди падару модар баргашт. Хизмати ҳарбӣ барояш хотима ёфт, аммо ӯ ноумед нагардида, ба Комиссариати ҳарбии шаҳр рафта, оид ба фаъолияти меҳнатиаш фикру андеша ронд. Комиссари ҳарбӣ дид, ки Наимҷон Ҷалолов барои муассисаҳои таълимӣ ҳамчун роҳбари ҳарбӣ хеле зарур аст, ӯро барои идомаи фаъолият ба Раёсати маорифи шаҳр пешниҳод кард. Наимҷон ин пешниҳодро хуб қабул кард. Бо фармоиши сардори Раёсати маорифи шаҳр Наимҷон роҳбари омодагии ибтидоии дифои ҳарбӣ дар гимназияи №5 таъйин гардид. Наимҷонро ҷомеаи омӯзгории гимназия хуш қабул карданд. Сарвари таълимгоҳ аз ин омӯзгори низомипӯш умеди калон доштанашро баён сохт. Акнун барои Наимҷон кори хеле мушкил, вале пурифтихор-роҳбари омодагии ибтидоии дифои ҳарбӣ ва таълиму тарбияи ҷавонон меистод.

Дарсҳои роҳбари омодагии ибтидоии дифои ҳарбӣ ҳар рӯз барои хонандагони синфҳои болоӣ ба як дарси маҳорату мардонагӣ табдил меёфт. Майдончаи ҳарбии як вақтҳо холӣ ба майдончаи машқу омӯзиш ва мусобиқаҳо табдил ёфт. Муаллим он қадар хоксору ҳалиму меҳрубон ва дилсӯзи ҷавонон буд, ки ҳамаи машқҳоро ҳамроҳи бачагон баробар иҷро мекард. Бо ҳар як шогирдаш баробар қадам мезад, баробар меафтиду мехест, либосҳояш хок мешуданду худаш хаста мегашт, аммо ба шогирдаш машқи оғознамудаашро то ба охир меомӯзонд. Ҳар як дарси муаллим, чӣ назариявӣ ва чӣ амалӣ, пур аз роҳу усулҳои гуногуни таълимию тарбиявӣ мебошанд. Мехоҳад ба шогирдонаш фаҳмонад, ки хизмат ба Ватан-Модар на фақат қарз, балки вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди ватандӯсту инсонпарвар, худогоҳу худшинос аст. Имрӯз таҷрибаи пешқадами Наимҷон Ҷалолов дар байни омӯзгорон-роҳбарони омодагии ибтидоии дифоии ҳарбии шаҳр паҳн гардидааст ва таълимгоҳи мо барои омӯзгорони омодагии ибтидоии дифоии ҳарбӣ мактаби таҷрибаи пешқадам ҳисобида мешавад.

***Матлуба ТОҶИБОЕВА,***
***омӯзгори гимназияи №5 ба номи академик Р.Амонов, шаҳри Истаравшан***

**ТОЗАНАШР**

# Фарогири ниёзҳои маънавӣ

Ба тозагӣ китоби омӯзгори собиқадор, адиб ва шоир Ғафур Носиров (Ғуфрон) зери унвони «Ҳадафнома» интишор гардид. Ҳадафнома» дар қолаби маснавӣ эҷод гардида, аз лиҳози мавзуъ, муҳтаво, офариниши симоҳои таърихӣ, нигоҳи як фарди соҳибхирад ба ҳодисоту воқеоти сиёсиву иҷтимоии замони муосир, латофат, назокат, фасоҳат ва салосати сухан дар адабиёти




замони истиқлол падидаи ниҳоят ҷолиб аст. Аксари мавзуъҳо аз воқеияти замони мо, аз ниёзҳои маънавии ҷомеаи имрӯза сарманша мегиранд.

Дар китоб васфи Тоҷикистони соҳибистиқлол, қадршиносии шахсият ва заҳматҳои бедареғи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба ваҳдати миллӣ ва истиқлоли воқеӣ мақоми хос дорад.

НИГАРОНӢ

# Вилояти Хатлон: чаро ноболиғон даст ба ҷиноятқорӣ мезананд?

***Масъалаи ба ҷиноятқорӣ ва дигар амалҳои номатлуб даст задани ноболиғон дар вилояти Хатлон нигаронкунанда мебошад. Зеро, ба иттилои масъулини Раёсати маорифи вилояти Хатлон, дар ёздаҳ моҳи соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 133 ҳолати содиршавии ҷиноят аз тарафи ноболиғон ба қайд гирифта шудааст. Агарчи ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум 46 ҳолат кам мебошад, аммо ин мушкилӣ ҳамчунон ташвишовар боқӣ мемонад.***

Ҷиноятҳои содиршуда аз тарафи 94 нафар ноболиғ ба қайд гирифта шудааст, ки 49 нафарашонро хонандагони мактаб ва 45 нафарашонро ноболиғони аз таҳсил дурмонда ташкил медиҳанд.

Коршиносон омилҳои содиршавии ҷинояти ноболиғонро дар таълиму тарбияи нодуруст, аз ҳад зиёд нозпарвард ба воя расидани кӯдакон аз таълиму тарбия дур мондани наврасон бо сабаби вайроншавии оилаҳо, шароити нохуби иқтисодии оилавӣ ва ниёзмандӣ ва амсоли инҳо мебинанд.

Омӯзгор Шаҳло Маҳмадалиева изҳор дошт, ки баъзе аз волидон уҳдадориҳои худро танҳо дар таъмини моддии фарзандон мебинанд, тарбияи онҳоро дуюмдараҷа меҳисобанд ва тамоми масъулиятро ба дӯши мактаб ҳавола мекунанд. Тарбияи асосии кӯдакону наврасон аз оила сарчашма мегирад. Ҳангоми дуруст тарбия нагирифтани кӯдак ва аз таълиму тарбияи падару модар баҳравар нашудан, ӯ метавонад, ки аз ҷумлаи содиркунандагони ҷиноят шавад.

Исроили Рустам, сокини ноҳияи Кӯшониён, дар робита ба ин масъала изҳор дошт, ки ҳамагуна камбудиву норасоиҳоро аҳли ҷомеа ҳатман ба сари оила ва волидайн бор мекунанд. Ҳол он ки кӯдакону наврасон ояндаи давлату миллатанд ва бояд дар тарбияи онҳо ҳама масъул бошем. Аммо гап сари он меравад, ки на ҳамаи падару модарон фаҳмиш, имконият, шароит ва ҷаҳонбинии васеъ барои тарбияи комили кӯдакону наврасон доранд. Агар ин ҳама ба дӯши оила ҳавола шавад, пас, барои чӣ дар мактаб таълим ва тарбия мегиранд? Яъне, ҳангоме ки дар мактаб тарбия низ вуҷуд дорад, омӯзгорон ва худи мактаб дар ин росто масъул мебошанд ва набояд худро бетараф гиранд. Аз ин лиҳоз, ҳамеша дар коре бояд гунаҳкор наҷӯему бо дарки масъулияти баланд ҳамагон дар тарбияи дурусти фарзандон саҳми худро гузорем.

Ҷумъахон Идиев, сармутахассиси раёсати маорифи вилояти Хатлон, иброз дошт, ки дар ёздаҳ моҳи соли 2021-ум 2122 ҳолати қонунвайронкунӣ аз тарафи ноболиғон ва волидайни онҳо ошкор карда шудааст. Вобаста ба ин ҳолатҳо, бо моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 276854 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъйин шудааст. Гурӯҳи кории раёсат бо падару модароне, ки мавриди ҷаримабандӣ қарор мегиранд ва бо фарзандони онҳо вохӯриҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ мемонад. Ҳадаф аз ин суҳбатҳо дақиқ муайян кардани омилҳои ба қонунвайронкунӣ роҳ додан, такрор наёфтани чунин ҳолатҳо ва таҳти назорати доимӣ қарор додани ноболиғон ва зичтар ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо волидони ҷаримашуда мебошад.

- Солимии равонии кӯдакону наврасонро бояд ҳамеша дар ҷойи аввал гузошт. Аммо, бо иси таассуф аст, ки ба ин ҷиҳат на ҳама диққат медиҳанд, ки боиси дуруст ба воя нарасидани кӯдакон мегардад. Яъне, аксаран ноболиғон ба ҳоли бади равонӣ гирифтор мешаванд,



вале калонсолон ба онҳо эътибор намедиҳанд. Маҳз вазъи носолими равонии ноболиғон онҳоро ба чунин амалҳои номатлуб бурда метавонад, - гуфт равоншинос Шарифа Каримова. – Аксарияти ноболиғоне, ки ба амалҳои номатлуб даст мезананд, аз ҷиҳати равонӣ метавонанд, ки мушкилӣ дошта бошанд. Аслан, ноболиғон доиман ба дастгирии равонӣ ва умуман, тавсияҳои равоншиносӣ ниёз доранд.

Тибқи маълумоти оморӣ, беш аз 40 нафар ноболиғи ҷиноятсодиркардаро онҳое ташкил медиҳанд, ки аз таҳсил дур мондаанд. Зеро, дар самти ба таҳсил пурра ҷалб гардидани кӯдакону наврасон тамоми тадбирандешиҳо анҷом дода шуда истодаанд. Ҳар нафаре, ки дар самти таълиму тарбияи фарзанд беэътиноӣ зоҳир менамояд ва талаботи қонунгузориро риоя намесозад, пас, ӯ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Бахусус, таҳсил то синфи 9-ум ҳатмӣ мебошад. Вале, зиёда аз 40 ноболиғи ҷиноятсодиркарда чи гуна аз таҳсил дур мондаанд, - изҳор дошт Ҳусейни Шералӣ, сокини ноҳияи Вахш. - Барои муваффақ гаштан дар ҳалли ин мушкил моро зарур аст, ки нахуст, кулли ноболиғонро ба таҳсил ҷалб созем. Зеро мактаббача аз таҳсил дур монд, ҳатман ба амалҳои номатлуб даст хоҳад зад.

Дар вилояти Хатлон оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғон 5005 чорабинии тарғиботию ташвиқотӣ гузаронида шуда, 189025 нафар кӯдак ба корҳои фаҳмондадиҳӣ фаро гирифта шуданд. Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо бахши ҳуқуқи кӯдак ва шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 4894 суҳбату вохӯрӣ гузаронидааст. Аз ин теъдод, 3335 суҳбату вохӯрӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, 321 адад дар маҳалли зисти ноболиғон, 218 семинару машварат ва 1112 амалиёт дар бозорҳо ва марказҳои компютерӣ гузаронида шудааст. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ дар пешгирии ба ҷиноятқорӣ даст задани ноболиғон мусоидат мекунад.

- Дар 1430 муассисаи зертобеи Раёсати маорифи вилояти Хатлон, вобаста ба амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» комиссияҳои ҷамъиятӣ фаъолият менамоянд, - афзуд Ҷ. Идиев. - Давоми соли 2021 ба комиссияҳои ҷамъиятии назди муассисаҳои соҳаи маориф 1808 муроҷиати иштирокдорони раванди таълиму тарбия ворид ва баррасӣ гардиданд. Дар давоми сол 2001 ҷаласа гузаронида шуда, вобаста ба мазмуни масъалаҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст.

- Аз вақти қабули қонуни мазкур то имрӯз дар таълиму тарбияи наврасон то андозае муваффақ гаштаем, аммо ҳоло ҳам волидон ва наврасоне ба мушоҳида мерасанд, ки талаботи қонунгузориро дидаю дониста риоя намекунанд. Ин амали онҳо ба ҷавобгарию ҷаримаҳои маъмурӣ бурда мерасонад, - гуфт ҳуқуқшинос Саидҷаъфар Сафарзода.

***С. АЗИЗӢ,***
***“Омӯзгор”***

АЗ ПАЙИ МАКТУБ

# Замин ба соҳибаш бояд баргардонида шавад!

***Бо супориши идораи нашрия барои санҷиши мактуби шикоятии истиқоматкунандаи кӯчаи С. Сафаров, №37-и ноҳияи Фархор Фазила Ризоева ба ноҳияи мазкур омадем. Номбурда барои ҳалли моҷарои 10,16 метри мураббаъи замини шахсии худ бо ҳамсояаш Саймуҳиддин Аминов ва дастгирӣ наёфтанаш аз тарафи мақомоти маҳаллӣ муроҷиат намудааст.***

Аз бастаи ҳуҷҷатҳои ҷузвдони номбурда маълум мегардад, ки ин зани муштипар барои дарёфти ҳақиқат ба тамоми мақомоти дахлдор ба таври хаттӣ муроҷиат намудааст. Дар вақти омӯзиш ва баррасии ҳуҷҷатҳо маълум гардид, ки ҳамаи қарору дастур ва санадҳои аз ҷониби раиси ноҳия, прокурор, кумитаи заминсозӣ ва Ҷамоати шаҳраки Фархор ба имзорасида, танҳо ба манфиати Ф. Ризоева ҳал гаштаанд. Прокурори ноҳияи Фархор муроҷиати Фазила Ризоеваро оид ба масъалаи аз ҷониби ҳамсояаш, собиқ омӯзгори фанни география С.Аминов худсарона ишғол намудани қитъаи замини Ф.Ризоева наздиҳавлигии ӯ мавриди санҷиш қарор додааст.Санҷиши прокурорӣ нишон дод, ки қитъаи замин ба андозаи 10,16 метри мураббаъ аз тарафи шаҳрванд С. Аминов худсарона ишғол гардида, барои ба ҳолати аввала баргардонидани он ба Кумитаи идораи замини ноҳия аз 12 июли соли 2008 дастур дода шудааст. Аммо, мутаассифона, аз ҷониби Кумитаи идораи замини ноҳия нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда ягон чора андешида нашудааст. **Баъдан С. Аминов ба ҳилаву найранг ва хешутаборчигӣ ва тибқи қарори раиси ноҳия Фархор аз 09.08.2007,№270 «Дар бораи вобаста намудани қитъаи замин ба шаҳрванд С.Аминов» қитъаи заминро аз худ мекунад. Баъди бо аризаи шикоятӣ муроҷиат намудани Ф. Ризоева ба прокуратураи ноҳия, бинобар ғайриқонунӣ будани амали С.Аминов аз ҷониби прокурори ноҳияи Фархор аз 29 апрели соли 2008 таҳти №94-08 эътироз оварда, бекор шудааст.** Дар дастури аз 12 июли соли 2008 тартибдодаи сарнозири Кумитаи идораи замини ноҳия С. Назиров омадааст: «Дар муҳлати 2 рӯз сохтмонҳои худсарона чаппа карда шуда, қитъаи замин ба шаҳрванд Фазила Ризоева баргардонида шавад». Ва зери нусхаи дастур С. Аминов имзо гузоштааст.

- Барои баргардонидани қитъаи замини наздиҳавлигии худ чӣ мушкилот доред? – баъди аз назар гузаронидани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пурсидам аз Ф. Ризоева.

- Ҳамаи зинаҳои мақомот моҷарои ҳамин 10,16 метри мураббаъ заминро бо ҳамсоям С. Аминов ба манфиати ман ҳал кардаанд. Аммо иҷрои онро тӯли 32 сол касе аз масъулин ба гардан намегирад. Бори дувум прокурори ноҳия аз 6 марти соли 2019, таҳти рақами 27 бо дастрасии



моддаи 28-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон амр додааст, ки қонуншикании зикршуда фавран бартараф шуда, қитъаи замини худсарона аз ҷониби шаҳрванд С. Аминов ишғолшуда, ба андозаи 10,16 метри мураббаъ ба ҳолати аввала баргардонида шавад. Ин амр гарчанде ки баъди гузаштани 7 моҳ, яъне 5 сентябри соли 2019 иҷро ва девори худсарона сохташуда пурра вайрон гардид, аммо қитъаи замини аз ҷониби С.Аминов ишғолшуда,то имрӯз ба ҳолати аввала баргардонида нашудааст ва С. Аминов дар ҷойи девор симтӯри оҳанин кашидааст. Дар санаде, ки 18.04.2019 аз тарафи Кумитаи идораи замини ноҳияи Фархор тартиб дода шудаасту шахсони масъули ноҳия: Ҷ.Раҷабов, раиси Ҷамоати шаҳраки Фархор, Д.Ризозода, раиси идораи замини ноҳия, М.Ғафурзода, ҳуқуқшиноси МИҲД-и ноҳия имзои худро гузоштаанд, гуфта мешавад, ки шаҳрванд иҷрои қарори раиси ноҳия ва амри прокурори ноҳияро аз 6.03.2019,№27сод-19 худсарона рад намуда, барои ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаи замин саркашӣ намудааст.Имрӯзҳо Ф. Ризоева таҳти фишору таҳдидҳои С.Аминов ва фарзандонаш қарор дошта, аз хонааш ба ҷое баромада наметавонад. Ӯ мегӯяд, аз рафтору гуфтори дағалона, суханҳои қабеҳу ношоистаи аҳли оилаи Аминовҳо ба дод омадаасту намедонад, ки боз ба куҷо арзу шикоят барад?

Акнун ман шабу рӯз аз ҳамсоям С.Аминов ва писаронаш сахт тарсу ҳарос дорам, зеро ки онҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба унвонам дашномҳои қабеҳ мефиристанд…

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

**Моҳи марти соли равон дар Малайзия Ҳафтаи кинои Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Ҷаҳонсӯзро кушта беҳтар чароғ.

Саъдии Шерозӣ

«Омӯзгор» № 6, 10 феврали соли 2022

ПОЯИ МИЛЛАТ

# Сарчашмаи боэътимоди рушди забон

Забони модарӣ аз муқаддасоти сатҳи аввали ҳар қавму миллат аст. Онро барҳақ ҳамчун шиносномаи миллат ҳам ташбеҳ бахшидаанд. Тавассути забон фарҳанги тамаддун, маърифату хирад ва тавонмандиву махсусиятҳои дигари ҳар халқе ифода меёбад. Назар ба маълумоти иддае аз сарчашмаҳои маърифатию лингвистӣ, дар ҷаҳон ҳоло беш аз панҷ ҳазор забон арзи ҳастӣ дорад. Ин забонҳо аз лиҳози тавоноиву захираи луғавӣ ва ҳусну малоҳат, албатта, дар як сатҳ нестанд ва доираи истифодаашон низ яксон нест. Ҳоло дар қатори паҳншудатарин ва тавонотарин забонҳои дунё забонҳои англисиву фаронсавӣ, чинию арабӣ, испанию арабиро ба забон меоранд. Забони модарии мо – тоҷикон, ки онро дар муҳити бавусъаттар забони форсии тоҷикӣ низ меноманд, бидуни шубҳае, дар радифи ин забонҳои маъруф қарор дорад ва аз ягон ҷиҳат – аз лиҳози таркибу бунёди луғавӣ, меъёрҳои устувор, дороии фарҳангиву маънавӣ, тавоноӣ дар ифодаи мазмунҳои гуногун, фарогирии луғатҳои соҳавӣ… аз забонҳои бонуфузи олам камию костагие надорад. Забони тоҷикӣ ба шарофати густариши васеаш дар як қатор давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, дар Афғонистону Эрон ба забони эътирофшудаи илму адаб, техникаю фарҳанг табдил ёфтааст ва собит кардааст, ки ба ифодаи амику дақиқи пешрафту комёбиҳои кулли соҳаҳои зиндагӣ қодир мебошад. Албатта, чунонки забоншиносон борҳо таъкид кардаанд, ҳеҷ забоне ба сари худ, бидуни робита бо забонҳои дигар ва истифода аз имконоту сарчашмаҳои маърифатии дохилӣ рушд ёфта наметавонад.

Истифода аз имконоти дохилӣ боэътимодтарин ва табиитарин ҷанбаи рушди забони миллист. Ба имконоти дохилӣ, аз ҷумла, истифода аз нерӯи калимаю ибораофаринии забон, корбасти қонуниятҳои забони модарӣ дар ифодаи маъниҳои тоза (вобаста ба рушди илмҳои гуногун, махсусан, улуми дақиқ), рӯй овардан ба забони гуфтугӯии халқ, шеваю лаҳҷаҳо ва аз ин ҷо барчидани калимаҳои мақбулу созгор тааллуқ доранд. Забони гуфтугӯии халқ забони зиндаву фаъол ва шумор меравад. Дар солҳои 20-уму 30-юми асри гузашта, ки забони адабии тоҷик марҳилаи дигари такомулро аз сар мегузаронду бахсҳо дар атрофи меъёру сарчашмаҳои такомулу поксозии забони тоҷикӣ ва муайянсозии меъёрҳои забони адабӣ тезутунд буданду доман паҳн мекарданд, устод Садриддин Айнӣ забони гуфтугӯии халқро ба сифати боэътимодтарин сарчашмаи такомули забони тоҷикӣ ва ғанигардии он муаррифӣ кардаанд ва ҳамзамон таъкид бинмуданд, ки ба ин масъала бояд хеле эҳтиёткорона, бо риояи махсусиятҳову нозукиҳои забони тоҷикӣ муносибат бояд кард, набояд лаҳҷае меъёрро аз хотир дур афканд. Устод бо камоли хирадмандӣ ва эҳтиром ба забони миллат иброз доштаанд: «Дар забони зиндаи халқи тоҷик чунин хазинаҳо ҳастанд, ки пур аз дурдонаи қимат мебошанд. Вазифаи мо, нависандагон, ана ҳамин дурдонаҳоро ёфта, ба омма тухфа кардан аст, на ин ки дар бораи умумӣ кардани баъзе луғатҳои хона ё маҳалли худ бикӯшем». Воқеан, худ устод Айнӣ бо ин роҳ рафта, дар осори худ бисёр калимаҳои шоистаро аз забони гуфтугӯии халқ дарёфта, гоҳо суфтаю шинам карда, мавриди истифода қарор доданд ва ба ин роҳ ҳам хусни эҷодиашонро афзуданд ва ҳам забон тоҷикиро ғанитар сохтанд. Дар асарҳои устод Айнӣ намунаи зиёди калимаҳои нобу шеворо дучор меоем, ки асли бароmadashon марбут ба забони зиндаи халқ – забони гуфтугӯии мардумист. Вобаста ба ин масъала, устод Муҳаммадҷон Шакурӣ, ки низ аз донандагони варзидаи забонамон буданд, гуфтаанд: «Забони адабӣ забони китоб, газетаву журнал, радиову телевизион ва мисли онҳо мебошад ва дар асоси сайқал додани забони умумихалқӣ ба шумор меравад».

Забони гуфтугӯии мардумӣ хазинаест, ки ҳаргиз коҳиш намеёбад ва он минбаъд низ барои рушди забони адабӣ хидмат хоҳад кард.

*Дилноза САТТОРЗОДА,*
*омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби №1-и ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Рогун*

ҲУСНИ БАЁН

# Калиди дари ганҷи соҳибҳунар

Забон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳоли тағйиру таҳаввул ва инкишофу такомул ё инқироз буда, пайваста мафҳумҳои нав ва маълумоти тоза тавассути расонаҳои мухталифи ахборӣ ба он ворид мегарданд, ё доираи истеъмоли калимоти муайяни он маҳдуд гардида, ба ҷойи онҳо вожаҳои нав ворид мегарданд. Мувофиқи омори расмии забоншиносӣ, имрӯзҳо инсоният бо бештар аз панҷ ҳазор забон муошират менамояд, ки дар байнашон сесад забон нисбатан серистеъмолтаранд ва бештар аз 96% аҳолии сайёра бо ин забонҳо суҳбат мекунанд. Зиёда аз сад забон чун забони расмиву давлатӣ шинохта шудааст, ки забони тоҷикӣ низ дар ин миён мавқеи намоён дошта, чун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ мешавад.



Масъалаи ҳифзу беолоиш нигоҳдоштани забон, дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ, дар миёни миллатҳои зиёде чун проблемаи миллӣ шинохта шудааст. Донишмандони тоҷик низ ин масъаларо ба хубӣ дарк намуда, ба масъалаи мақоми давлатӣ гирифтани забони модарӣ тавҷҷуҳ намуданд ва ҳанӯз 22-юми июли соли 1989 бо қарори Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон №15, моддаи 102, Қонуни забон қабул гардид, ки мувофиқи он забони тоҷикӣ чун забони асосии муомилоти давлати Тоҷикистон пазируфта шуд.

Баъдан, 5 октябри соли 2009 таҳрири нави ин қонун бо номи «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ гардид, ки вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. Дар қонуни мазкур омада, ки ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад ва ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад. Боиси хурсандист, ки тайи солҳои охир озмунҳои ҷумҳуриявие, ба мисли «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм - фурӯғи маърифат» ва ғайраҳо бо дастури бевоситаи Пешвои миллат роҳандозӣ гардидааст, ки ин ҳалои маънавиро то ҷое пур мекунад. Вале нодида набояд гирифт, ки иштироккунандагони ин озмунҳо дар муқоиса бо соҳибзабонон ниҳоят каманд ва чораҳои дигаре низ бояд андешид шавад, ки аксари муҳассилини макотиби миёнаву олии кишвар рӯ ба китоб оранд ва бо забони нобитоҷикӣ ошноии амиқтар пайдо намоянд, ки яке аз муҳимтарин василаҳои таҳкими забон дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад.



*Фотима БОЕВА,*
*омӯзгори мактаби №15, ноҳияи Шаҳринав*

ГЕОГРАФИЯ

# Корномаи ҳикматбори Ибни Хурдодбеҳ

Дар инкишофи маънавии шогирдони мо, албатта, донишҳо вобаста ба ҳамаи фанҳо нақши муҳим мебозанд. Ҳамаи фанҳо мувофиқан ба соҳаҳои зиндагӣ маълумоте медиҳанд, ки дар фаъолияти ояндаи хонандагон хеле заруранд. Масалан, забон маҳорати маънифаҳмию суханронии насли наврасро такмил мебахшад, адабиёт ба маърифату одобу рафтори инсон таъсири нек мегузорад, риёзиёт мушкилкушои ҳамагон дар ҳисобу китобу танзими зиндагист. Дар ин миён илми география низ истисно нест. Ин илм ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ мекунад, онҳоро бо дороиҳои табиат, сарватҳои моддии аҳли башар ва амсоли инҳо ошно месозад. Муҳим аст, ки шогирдони мо моҳияту аҳамияти омӯзиши фанни география (ҷуғрофия)-ро хуб донанд ва ба азхудкунии донишҳои географӣ бо ҷидду ҷаҳд машғул шаванд. Барои ин омӯзгорро мебояд, ки аз усулҳои муассири таълиму тарбия истифода бурда, хонандагонро ба донистани география шавқманд намояд. Яке аз василаҳои ҷалб кардани таваҷҷуҳи насли наврас ба фанни география, маълумот дар бораи олимони барҷастаи ин фан ва сайёҳони машҳури олам мебошад. Бояд гуфт, ки дар қатори географҳои маъруфи дунё як қатор намояндагони халқи тоҷик ҳам ҳастанд, ки бо саёҳатҳои пурбор ва осори ҷолибу нававаронаашон эътирофи байналхалқӣ дарёфтаанд. Яке аз онҳо Ибни Хурдодбеҳ мебошад, ки дар асри нуҳ умр ба сар бурдааст. Ӯ дар байни аҳли илм ҳамчун сайёҳ, ҷуғрофиёдон, мусиқидон ва насабшинос маъруфият дорад. Ибни Хурдодбеҳ дар оилаи донишманди шинохта – волии Табаристон ва ҳомии аҳли зиё чашм ба олам кушода, аз хурдӣ ба илмомӯзӣ ҷиддан машғул мешавад ва бештар ба ҷуғрофиё таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ин олими мумтоз дар Бағдоду чанд музофоти дигари Эрон ба корҳои маъмурӣ ва ҳамзамон ба омӯзиши илмҳо машғул шуд ва поёни умрашро дар шаҳри Бағдод сипарӣ намуд. Ибни Хурдодбеҳ ба музофоти гуногун саёҳатҳо анҷом дода, маълумоти фаровон гирд овардааст. Асарҳои ӯ ба улуми гуногун бахшида шудаанд. Ду асари машҳури Ибни Хурдодбеҳ – "Китоб-ул-масолик вал-мамолик" ва "Китоб-ул-лавҳ вал малоҳӣ" ба илми география мутааллиқанд ва дар олами илм шуҳрати зиёд пайдо кардаанд. Китоби хеле машҳури ин олими барҷаста "Китоб-ул-масолик вал-мамолик" ба сабки сафарнома (дидаю шунида) навишта шуда, оид ба ҷуғрофиён таърихӣ, шакли сатҳи Замин, унвони ҳокимони маҳаллии Шарқ, роҳҳои тиҷоратии корвонгузар (аз Ироқ то Осиёи Марказӣ, Ҳиндустону Чину Кавказ, Испанияву Маккаю Мадина...) иншооти меъморӣ, кӯҳҳо, баҳру биёбонҳо ва амсоли онҳо маълумоти хеле аҷиб ва нодир пешниҳод мекунад.

Китоби мазкури Ибни Хурдодбеҳ шуҳрати ҷаҳонӣ дарёфта, ба чанде аз забонҳои маъруфи олам тарҷума ва дар Лондон (1883), Париж (1865), Маскав (1965), Теҳрон (1993), Боку (1986) нашр шудааст. Ибни Хурдодбеҳ яке аз аввалинҳо шуда, китоби машҳури олими Юнони қадим Птолемей – "Ҷуғрофиё" – ро ба форсӣ тарҷума кардааст. Асарҳои ин олими барҷастаи тоҷик, ҷуғрофиёдони маъруф аз ҷониби донишмандони минбаъдаи тоҷик Ибни Фақеҳ, Ибни Руста, Ҷайҳонӣ, Масъудӣ, Ибни Ҳавқал, Идрисӣ, Муқаддасӣ... мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтаву дар рушди илми география саҳми беназир гузоштаанд.

Омӯзиши фаъолияту рӯзгорони донишмандони ҷуғрофиёдони тоҷик, аз як тараф, боиси вусъатёбии донишҳои шогирдон оид ба илми география гардад, аз тарафи дигар, ба ташаккули ҳисси ифтихори миллии онҳо мусоидат мекунад.

*Азиза БОЙБУРИЕВА,*
*омӯзгори географияи мактаби №135-и шаҳри Ваҳдат*

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Сохтмони беморхона дар назди коллеҷ

- Барои риоя накардани талаботи таҳсилоти буҷавӣ 21 нафар донишҷӯи коллеҷи тиббӣ маблаги таҳсили сесоларо ба буҷети давлат баргардонида, пасон соҳиби дипломи хатм гардиданд, - иттилоъ дод Иброҳим Мӯсоев, директори коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар дар нишасти хабарӣ. Инчунин, гуфта шуд, ки дар ин сол 75 нафар донишҷӯ бо сабаби муҳоҷирати меҳнатӣ дар вақти таҳсил аз коллеҷи тиббӣ хориҷ карда шуданд.

- Дар назди коллеҷи тиббӣ сохтмони беморхона ба нақша гирифта шудааст, ки дар он корҳои амалӣ барои донишҷӯён ташкил карда хоҳад шуд. Иттилоъ дода шуд, ки донишҷӯёни коллеҷ дар озмуни олимпиадаҳо ширкат намуда, бо ишғоли ҷойҳои намоён баргаштанд.

*С. АЗИЗӢ,*
*"Омӯзгор"*

Конфронси оби СММ 22-24 марти соли 2023 дар Ню-Йорк таҳти раисии Тоҷикистон ва Нидерланд баргузор мешавад.

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Ба фанҳои дақиқ таваҷҷуҳ бештар аст

Ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия, доктори илмҳои физика – математика, профессор Хоҷазода Тоҳир Абдулло дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ оид ба фаъолияти солонаи донишгоҳ ба таври муфассал иттилоъ дод. Бино ба гуфтаи ӯ, муассиса бештар ба самти илмҳои дақиқ нигаронида шудааст. Бинобар ин, бо мақсади татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм» як қатор нақшаву чорабиниҳо таҳия гардидаанд, ки таъсиси факултаи илмҳои табиӣ аз ҳамин ҷумла аст. Айни замон дар ин факулта се кафедра – математика – физика, химия – биология ва иттилоот – технологияҳои иттилоотӣ фаъолияти пурсамар доранд.



Ректор оид ба фаъолияти Маркази технологияҳои иттилоот ва таҳсилоти фосилавӣ маълумот дода, афзуд, ки ин ду ниҳод низ дар баланд бардоштани савияи дониши шогирдон саҳми муносиб мегузоранд. Чунонки роҳбари донишгоҳ гуфт, мактаби таҳсилоти миёнаи умумии тоҷикӣ - русии рақами 14 яке аз сохторҳои муҳими Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ба шумор рафта, таҳсил дар ин муассиса ройгон аст. Ҳамагӣ чор сол пеш аз ин бунёди биноҳои нави таълимӣ бо фарогирии 1200 хонанда оғоз гардида буд. Ҳоло бошад, сохтмони биноҳои иловагӣ ба анҷом расид ва дар оғози таҳсили соли нав ба истифода дода шуд. Дар умум, дар таълимгоҳ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Кулли синфхонаҳо бо асбобу лавозимоти замонавии хониш муҷаҳҳаз гардида, дар самти норасоии ин масъала ҳеҷ монеае вуҷуд надорад. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон боз ҳам донишу маҳорати худро ҳар чи бештар афзун намоянд.

Дар баробари ҳамаи ин пешрафтҳо ректор аз хуб надонистани забони русии донишҷӯёни курсҳои аввали донишгоҳ изҳори нигаронӣ намуд. Номбурда бо таассуф қайд кард, ки вақти зиёди устодон дар курсҳои аввал ба забономӯзии онҳо сарф гардида, барномаи таълимӣ халалдор мегардад.

Дар нишаст, ҳамчунин, оид ба робитаҳои байналмилалӣ, фаъолияти иттифоқҳои касаба, чорабиниҳои фарҳангиву адабӣ, ободонии донишгоҳ ва монанди ин маълумот дода шуд.

# Фаъолияти ДТТ тавсеа меёбад

Барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба мазмун ва мундариҷаи нақша ва барномаҳои таълим аҳамияти хоса дода, дар ин самт бо назардошти эълон гардидани солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» таркиби нақшаҳои таълимро аз рӯйи 49 ихтисоси амалкунандаи донишгоҳ такмил дода, онҳоро барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд. Дар нақшаҳои таълимӣ миқдори соатҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ зиёд карда шуда, дар бахши фанҳои тахассусӣ аз ҷониби кордиҳандагон пешниҳодгардида ворид карда шудааст. Дар ин бора дар нишасти хабарӣ ба рӯзноманигорон ректори ДТТ, доктори илми техникӣ Амонзода Илҳом Темур иттилоъ дод.

Чунонки роҳбари муассиса гуфт, ҳамзамон се барномаи таълимии донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, соҳиби Шаҳодатномаи байналмилалӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки дипломҳои хатмкардагони ин барномаҳои таълимӣ дар кишварҳои Аврупо пазируфта шаванд. Айни замон тамоми донишҷӯёни донишгоҳ дар зинаи якуми таҳсилот – бакалавриат ва магистратура, донишҷӯёни шуъбаи фосилавӣ – ғоибона ба низоми кредитии таҳсилот фаро гирифта шудаанд.

Бино ба гуфти ректор, баланд бардоштани сифати таълим дар донишгоҳ аз мақсадҳои стратегии донишгоҳ пазируфта шудааст. Бо ин мақсад ДТТ чандин нақша - чорабиниҳоро андешида, онҳоро зина ба зина амалӣ гардонда, мавқеи худро дар фазои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва берун аз он баланд намуда истодааст. Агар дар соли 2018 донишгоҳи мазкур дар рейтинг байни 40 МТОК ҶТ ҷойи 12 – умро ишғол намуда бошад, пас дар соли 2021 мақоми ҳаштумро ишғол намуд, ки нисбат ба соли 2018 чор зина болост.

Рӯзноманигорон оид ба масъалаҳои раванди мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, истифодаи ТИК ва бозомӯзии касбии кормандон, фаъолияти байналмилалӣ, масоили иҷтимоӣ ва ғайра мароқ зоҳир намуда, ба суолҳои худ посухҳои муфассал гирифтанд.

# Ҳимояи 40 рисолаи номзадӣ

Зимни нишасти матбуотии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров муовини ректор оид ба корҳои таълим Абдуфаттоҳ Раҳимов ба рӯзноманигорон ҷиҳати ҳамкории судманд давоми соли 2021 ва инъикоси воқеъбинонаи набзи донишгоҳ аз номи роҳбарияти донишгоҳ изҳори сипос намуда, оид ба натиҷаи равандҳои фаъолияти донишгоҳ ҳисобот дод. Дар донишгоҳ 876 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 54 нафар доктори илм, профессор, 403 нафар номзади илм, дотсент, 208 нафар омӯзгор ва 211 нафар муаллим фаъолият менамоянд, ки беш аз 52 %-и теъдоди умумии омӯзгоронро устодони соҳибунвон ташкил медиҳанд.

-Давоми соли 2021 дар донишгоҳ 40 рисолаи номзадӣ ва 4 рисолаи докторӣ ҳимоя шуданд, ки нисбат ба соли 2020 рисолаи номзадӣ 5 номгӯй ва рисолаи докторӣ 2 номгӯй зиёд дифоъ гардидааст”, - зикр намуд профессор Абдуфаттоҳ Раҳимов. Соли 2021 магистрантон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар даври ҷумҳуриявӣ 9 ҷои намоён, даври вилоятӣ 23 ҷойро ба даст оварда, донишгоҳ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бори аввал мақоми якумро соҳиб гардид. Намояндагони васоити ахбори умум доир ба ихтисосҳои тозатаъсис, ҳавасмандии устодону донишҷӯён, ҷобаҷогузории кадрҳо, раванди таҳсил дар магистратура ва докторантура, дастгирии мутахассисони ҷавон, ба ҷойи кор ҳозиршавии донишҷӯён, заминаи моддӣ-техникӣ суолҳо пешниҳод намуда, аз ҷониби масъулин посухҳои муфассал гирифтанд.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА, “Омӯзгор***

# Вусъати корҳои ободонӣ

Дар нишасти матбуотии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ректори ин муассиса, узви вобастаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Усмон Маҳмадёрзода доир ба фаъолияти серсоҳаи донишгоҳ ба рӯзноманигорон маълумоти муфассал дод. Номбурда аз ҷумла, қайд кард, ки мувофиқи маълумоти оморӣ дар ММТ – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 30 ҳазор нафар довталаб ин донишгоҳро интихоб намуда буданд. Дар натиҷа тибқи имтиҳонҳои марказонидашудаи Маркази миллии тестӣ ба донишгоҳ 1818 нафар (730 нафар ба гурӯҳҳои буҷавӣ ва 1088 нафар ба гурӯҳҳои шартномавии шуъбаҳои рӯзона ва фосилавӣ) қабул карда шуданд, ки нақшаи қабули донишҷӯёни таҳсилоти буҷавӣ 98, 3 фоизро ташкил дод.

-Дар соли хониши 2021 дар донишгоҳ муваффақиятҳо кам набуданд, - афзуд. У.Маҳмадёрзода. – Аз ҷумла, барои 52 ихтисоси мавҷудбудаи донишгоҳ барномаи таҳсилотӣ дар асоси Стандарти нави давлатии таҳсилот аз нав таҳия карда шуд. Ҳамчунин, ба панҷ ихтисоси нав (дендрология, кадастри замин, агротуризм, логистика, омори кишоварзӣ) довталабон барои таҳсил ба сафи донишҷӯёни соли аввал қабул карда шуданд. Илова бар ин, дар асоси аризаи пешниҳоднамудаи раёсати донишгоҳ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешбурди фаъолият, санҷиши мавҷудияти пояи илмию техникӣ, мувофиқ будани ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ ва дигар омилҳои имконияттдиҳанда аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешбурди фаъолият аз рӯйи 53 ихтисос иҷозат дода шудааст, ки барои дутои онҳо (энтомология ва харгӯшпарварӣ) аз соли таҳсили 2022 - 2023 довталабон қабул карда мешаванд. Дар ҷамъбасти соли таҳсили гузашта донишгоҳ дар рейтинги байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки аз тарафи агентии номбурда гузаронида шуд, соҳиби ҷойи чорум гардид.

Қайд гардид, ки дар донишгоҳ корҳои зиёди ободонӣ низ ба сомон расонда шуд. Беш аз 30 китоби дарсӣ ва монография, дастурҳои методӣ ва тавсияномаҳои илмӣ интишор шуданд. Гулгашти «Чеҳраҳои мондагори донишгоҳ» ташкил ёфт. Китобҳои ҷашнии «Муассисаи пойгоҳии кишоварзӣ» ва «Энсиклопедияи ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур» нашр гардид. Филми мустанад оид ба таърих ва дигар самтҳои фаъолияти донишгоҳ наворбардорӣ шуд. Ҳамчунин, аз тарафи раёсати донишгоҳ грантҳои хурд барои амалишавии се лоиҳаи инноватсионӣ, дар умум, ба маблағи 67650 сомонӣ ҷудо гардид.Ин имкон медиҳад, ки донишгоҳ минбаъд пояи моддӣ – техникии худро афзуда, барои соҳибкасб намудани шогирдон мусоидат намояд.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

# Дастовардҳои назаррас

Зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирализода Абдусалом Мустафо қайд намуд, ки раванди таълиму тарбия дар 4 раёсат,10 факулта, 5 шуъба, 35 кафедра ва 6 марказ ба роҳ монда шудааст. Дар 28 кафедраи донишгоҳ 549 нафар омӯзгор, аз ҷумла, 115 нафар омӯзгори дараҷа ва унвони илмидошта, ки аз онҳо 22 нафар доктори илм, 115 нафар номзади илм 29 нафар дотсент, 250 нафар муаллими калон, 72 нафар докторант мебошанд, ба 10594 нафар донишҷӯ таълиму тарбия медиҳанд.

Дар соли сипаригардида 7 нафар донишҷӯи донишгоҳ ба гирифтани идрорпулии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 нафар идрорпулии раиси вилоят, 1 нафар идрорпулии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди ҲҶТ ва 12 омӯзгор ба гирифтани идрорпулии раиси вилоят сазовор гардиданд.Дар 35 кафедраи донишгоҳ маҳфилҳои илмӣ фаъолият мекунад, ки дар онҳо 967 нафар донишҷӯ фаро гирифта шуданд. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ барои дарёфти Ҷоми Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, ки аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ гузаронида шуд ва дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ дар байни донишҷӯёни муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ, донишҷуёни донишгоҳ соҳиби ҷойҳои аввал гардиданд. Дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат», донишҷӯи курси 2-юми факултети химия, биология ва география Саймақсуди Ҳаёт дар номинатсияи география сазовори ҷойи аввал гардид. Донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки аз тарафи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм баҳогузорӣ карда мешавад, нисбат ба соли гузашта 5 зина боло рафт. Сол то сол базаи моддӣ-техникии донишгоҳ ғанӣ гашта, айни ҳол дар донишгоҳ 614 адад компютер ва 286 компютер ба шабакаи ягонаи интернет пайваст мебошад. Соли равон бо маблағҳои худӣ як чоҳи амудӣ ва як маркази гармидиҳӣ барои гарм намудан ва бо оби нӯшокӣ таъмин намудани хобгоҳи донишҷӯён бунёд ва ба истифода дода шудааст.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

# Ғамхорӣ ба донишҷӯёни ятим

Дар нишасти матбуотии ДДБ ба номи Носири Хисрав, ректори донишгоҳ С.Давлатзода иттилоъ дод, ки донишгоҳ раванди таълимро аз рӯйи 70 ихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ба роҳ мондааст. Яке аз ҳадафҳои асосии роҳбарияти донишгоҳ таъмини босифати таълиму тарбия дар омодасозии мутахассисони рақобатпазири дараҷаи бакалавр то доктор (Phd), ворид шудан ба фазои ягонаи ҷаҳони таҳсилот тавассути татбиқи пурраи низоми технологияи муосир дар раванди таҳсилот, корбасти роҳу равиш ва тарзу усулҳои пешқадами раванди таълим мебошад. Ҳоло зиёда аз 500 нафар донишҷӯ аз тариқи тариқи квотаи Президентӣ таҳсил мекунанд, ки аз ин шумора 337 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Нисбат ба 38 нафар донишҷӯи ятим ва 53 нафар маъюб ғамхорӣ ва имтиёзҳои махсус ҷудо гардидааст. Дар соли 2021 –ум 24 нафар омӯзгор рисолаҳои номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намуданд.

Сипас, рӯзноманигорон оид ба масъалаҳои ташкили парки техникӣ – технологӣ, аз шартнома озод намудани ниёзмандон, сабаби аз 90 ба 100 дақиқа гузаштани соати дарсӣ, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани омӯзгорон, ташкили омӯзиши забони чинӣ, бо ҷойи кор таъмин шудани хатмкунандагони донишгоҳ, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби донишҷӯён, омилҳои ҳуҷҷатсупории ками довталабон ба магистратура, вазъи таҳсили донишҷӯёни афғон, дастгирии иҷтимоии омӯзгорон, назорат аз рӯи дарсгузарии омӯзгорон ва амалишавии лоиҳаҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва бостоншиносӣ суолҳо пешниҳод карда, ҷавобҳои дақиқ гирифтанд.

***С. АЗИЗӢ,***
***“Омӯзгор”***

АЗ ТАҶРИБА

# Қаҳрамонони миллат ва дарси тарбиявӣ

Чун мо ба мероси маънавии ниёгони хеш назар андозем, мефаҳмем, ки то чӣ андоза онҳо ба таълиму тарбияи ворисон таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Дар асарҳои шоирону нависандагони гузаштаву имрӯзаи мо тарбияи инсони комил ҳамеша дар мадди назар қарор дорад.

Аз ин рӯ, ман ҳангоми баргузории чорабиниҳои тарбиявӣ дар мактаб аз асарҳои безаволи "Гулистон" ва "Бӯстон"-и Саъдии Шерозӣ, "Сафарнома"-и Носири Хусрав, "Насиҳатнома"-и Унсурулмаолии Кайковус, "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ, асари Абубакр Муҳаммад ибни Туфайл, Садриддин Айнӣ, Аҳмади Дониш ва дигарҳо истифода мебарам.

Омӯзиши ин асарҳо имкон медиҳад, ки шогирдонамон бо асарҳои безаволи ниёгон шинос шуда, дар қалби онҳо ҳисси ифтихори миллӣ бештар гардад. Мактаб дар рушди маънавии мактаббачагон беҳтарин макон ба ҳисоб меравад.

Бо ҳадафи диққати хонандагонро ҷалб намудан ба мутолиаи рӯзномаву маҷаллаҳо то саршавии дарс ва ҳангоми танаффуси байни дарсҳо ба онҳо супориш медиҳам, ки дар замимаи хондаҳояшон аз матбуоти даврӣ оид ба мавзуъҳои "Аз бадан пархез кунед", "Дӯстон оинаи якдигаранд", "Дӯстони беғараз бошед", "Шарм ҳусни инсон аст", "Хушрафтору накугуфтор бошед" ва гайраҳо суханронӣ кунад. Чунин тарзи ташкили кор имкон медиҳад, ки дар байни хонандагон хислатҳои меҳрубонӣ, дӯстию рафоқат, якдигарфаҳмӣ, некӣ, пархез аз корҳои бад таквият ёбанд.

Минбаъд онҳо дар вақтҳои холӣ ба корҳои беҳуда овора нашуда, ба мутолиаи китобу рӯзномаҳои даврӣ машғул мешаванд.

Барои баланд бардоштани ҳисси хештаншиносии хонандагон аз ҳаёт ва фаъолияти қаҳрамонони миллӣ Спитамен, Темурмалик, Муқаннаъ, Восеъ, Шерак мунтазам чорабиниҳо баргузор кардан муфид хоҳад буд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба ҳаёту корномаи қаҳрамонони миллӣ шинос шаванд ва ифтихори миллиашон баланд гардад.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, тарбия ва таълим ду шоҳаи аз ҳам ҷудонашаванда мебошанд.

Ман ба хотири баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия мунтазам ба дарсҳои омӯзгорон иштирок намуда, ҳамбастагии таълиму тарбияро омӯхта, таҳлил менамоям. Ба омӯзгорони ҷавон тавсия медиҳам, ки ба дарсҳои намунавии омӯзгорони пешкадам ва таҷрибанок иштирок намуда, усулҳои бештар муфиди дарсро омӯзанд.

Омили муҳими дигар барои пешрафти таълиму тарбияи хонандагон ва муваффақ гаштани омӯзгорон робитаи омӯзгорон бо падару модарон ба ҳисоб меравад.

Барои пурзӯр ва назаррас гардонидани ин омил дар мактаб вохӯрии падару модаронро ба омӯзгорон мунтазам ташкил бояд кард. Маълум, ки таълиму тарбия аз оила сар мешавад. Ҳар қадар падару модар босавод бошанд, ҳамон қадар диққати онҳо ба мактаб ва хотири донишомӯзии фарзандонашон ҷалб мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми гузаронидани ҷамъомадҳои падару модарон ба волидони фаъол ва донишманд имкон медиҳам, ки оид ба тарбияи фарзандонашон сухан гӯянд, то барои дигарҳо ибрат бошад.

Албатта, ин тарзи ташкили кор бенатиҷа намемонад. Ман аз таҷрибаи кориам дарёфтам, ки муқоимаю муқоисаи сатҳи таълиму тарбияи хонандагон дар байни оилаҳо натиҷаи дилхоҳ медиҳад.

Баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия агар ҳама дар натиҷа хатман дилхоҳ хоҳад буд.

***Миҳрона СОБИРОВА,***
***ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявии МТМУ №6, ноҳияи Айнӣ***

ФАРЗАНДИ ВАТАН

# Омӯзгори диловар

Онҳо, собиқ ҷанговарони башардӯст, ба ҳукми анъана ҳар сол дар яке аз рӯзҳои моҳи феврал дар боғи фароғатии ба номи А.Г. Мироненко ба ҳам омада, маҳфили ёдбуд меоранд, аз дӯстону ҳамрзмонашон, аз ҳодисаву рӯйдодҳои он айёми печидаву пуртилоф – муҳорибаҳо дар сарзамини Афғонистон дар солҳои хаштодуми асри XX сухан ба миён меоранд ва ба ёди дӯстони даргузаштаашон даст ба рӯ мекашанд.



Устод Раҷаб Розиқов низ дар ин маҳфили ғайрирасмию меҳрбунёд ҳозир мешавад ва хотираҳояшро рӯшан мекунаду аз ҳолу аҳволи собиқ ҳамрзмонаш огаҳ дармеёбад. Ин марди наҷиб соли 1984 ба хизмати ҳарбӣ даъват гашта, нахуст дар шаҳри Ашқободи Туркманистон тақрибан ним сол дарси маҳорати ҳарбӣ омӯхта, сипас бо рутбаи сержантӣ ба хоки Афғонистон фиристода шудааст. Дар ин кишвар ба сифати командири взвод қарзи байналмилалии худро бо сари баланд иҷро карда, соҳиби мукофоту таҳсинномаҳо гардидааст.

Р.Раҷабов пас аз пурра ба охир расидани мӯҳлати хизмати ҳарбияш ба Ватан – ба Тоҷикистони азиз баргашта, ба фаъолияти бавусъат пардохта, дар вазифаҳои масъулиятбор кор кардааст. Чандин сол боз ин ватандӯсти асил иртибот бо соҳаи маориф дорад ва дар мактаби №118-и деҳаи Шайнаки ҷинори ноҳияи Рӯдакӣ ба хонандагон аз фанни омодагии дифои ҳарбӣ дарс мегӯяд. Омӯзгори бомаҳорат, тозакору наввар ва соҳибобрӯст. Тамоми машғулиятҳояш бо шогирдон бо истифода аз аёниятҳо ва воситаҳои техникии таълим баргузор мешаванд. Ба ҷанбаи амалии дарсҳояш таваҷҷуҳи махсус дорад ва пайваста таъкид мекунад, ки дарси омодагии дифои ҳарбӣ бидуни машғулиятҳои амалӣ натиҷабахш нахоҳад буд. Дар ҷараёни дарсҳо ин омӯзгори варзида ба тарбияи ватандӯстии насли наврас диққати ҳамешагӣ зоҳир мекунад ва шогирдонашро барои омода будан ба хизмати Ватан, муҳаббат ба садоқати устувор доштан ба марзу буми аҷдодӣ, ба халқи азизи худ даъват менамояд. "Хизмати Ватан ифтихору сарбаландӣ ва вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванд аст", - пайваста такрор мекунад Р.Розиқов. Берун аз дарсҳо бо шогирдонаш суҳбатҳои озод ороста, ба онҳо оид ба дирӯзу имрӯзи Афғонистон, ҳодисаҳои ҳангоми хизматаш дар ин диёр рухдода, вазъи вокеии ҷаҳони имрӯза ҳикоятҳои ҷолиб муассир мекунад.

Устод Раҷаб Розиқов худро дар оғӯши Тоҷикистони соҳибистиқлол ва тинҷу осуда, дар канори шогирдону ҳампешагон ва дар муҳити дӯстону аҳли оилаааш ҳамеша хушбахту сарафроз ҳис мекунад.

***Қурбонбӣ ЁФТАКОВА,***
***омӯзгор, ноҳияи Рӯдакӣ***

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Созҳои мусиқӣ намерасанд

Дар Коллеҷи ҷумҳуриявии санъати шаҳри Кӯлоб ба номи К. Қурбонов бо иштироки ҳайати устодону кормандон ва намояндагони ВАО-и минтақаи Кӯлоб нишасти матбуотӣ доир гардид. Директори коллеҷ Шариф Бедаков вобаста ба дастовардҳои омӯзгорону донишҷӯёни муассиса қайд намуд, ки сол то сол сифати таҳсилот дар коллеҷ беҳтар гардидааст. Бо ин мақсад дар 4 шуъба ва 10 факултет 23 нафар омӯзгор дорои маълумоти олии касбӣ ба 331 нафар донишҷӯ таълиму тарбия медиҳанд.

Дар соли таҳсили 2020-2021 бо ҷалби соҳибкорон ва маблағҳои дохилии коллеҷ заминаи моддӣ - таълимии муассиса нисбат ба солҳои қаблӣ беҳтар гардид. Дар озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 3 нафар донишҷӯи коллеҷ иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Донишҷӯёни курси 2-ум Сафархон Давлатов ва Ҷ. Ҷаҳонгир дар озмуни ҷумҳуриявии «Рассоми беҳтарин» ширкат варзида, дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ сазовори ҷойҳои якум ва дуюм гардиданд. Дар соли таҳсили 2020-2021 коллеҷро 91 нафар донишҷӯ хатм намуданд ва 26 нафарашон бо дипломи аъло. Донишҷӯёне, ки аз шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб мехонанду ҷойи зист надоранд, бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд. Айни замон дар коллеҷ 38 нафар донишҷӯи аълохон барандагони идрорпулиҳои номӣ мебошанд. Маъмурияти коллеҷ ҳар сол барои ҳавасманд гардонидани донишҷӯёни фаъол ва санъаткорони ҷавон дар ҳаҷми 5-6 ҳазор сомонӣ маблағ сарф мекунад. Дар нишаст зикр шуд, ки мутаассифона, қисмате аз асбобҳои мусиқӣ кӯҳнаву фарсуда шудаанд ва аз ин рӯ, нарасидани асбобҳои нави мусиқӣ ва дигар воситаҳои аёнӣ боиси коҳиши сифати машғулиятҳо мегарданд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

НАВИДҲО АЗ ВМКБ

## НОҲИЯИ МУРҒОБ: ифтитоҳи гурӯҳҳои тоҷикӣ

Мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Мурғоб Абдураҳим Имомбердиев дар машварати муаллимон иттилоъ дод, ки дар ноҳия 13 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 6 муассисаи томактабӣ, 13 маркази инкишофи бармвақтии кӯдакон ва 8 интернати наздимактабӣ фаъолият доранд. Шумораи умумии хонандагон 2708 нафар буда, ба онҳо 392 омӯзгор таълим медиҳанд.

Муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин буда, соли гузашта 66 нафар омӯзгори ҷавон ба ноҳия омада, аз онҳо 43 нафарашон бо ҷои кор таъмин гардиданд.

- Дар синфҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти умумии рақами 1,5, 7, 9, 11 гурӯҳи тоҷикӣ кушода шуд ва ин имкон медиҳад, дар мактабҳои қирғизӣ соатҳои таълимии забони давлатӣ зиёд гардад. Масъалаи таъмини ангишт ва ҳезум дар муассисаҳои таълимӣ хуб ба роҳ монда шуда, ба ҷои 881,7 тоннаи пешбинишуда 927,550 тонна зуғолсанг ворид гардид, -қайд намуд мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Мурғоб Абдураҳим Имомбердиев.

## МУЛОҚОТИ СУДМАНД

Дар толори мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳри Хоруғ вохӯрии иҷрокунандаи раиси шаҳр Ризозода Шодӣ Ризо бо хонандагони синфҳои болоии мактабҳои шаҳр баргузор шуд. Дар вохӯрӣ аз хусуси азхудкунии илму дониш, истифодаи самараноки воситаҳои муосири техникӣ, инкишофи малакаи ҳамаҷонибаи забондонӣ, иштироки фаъолона дар озмунҳои фаннӣ, сатҳи ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, интихоби касб аз рӯи тахассусҳои зарурӣ идомаи минбаъдаи таҳсил дар муассисаҳои олии бонуфузи кишвар ва хориҷа сухан рафт.

Ризозода Шодӣ Ризо изҳор дошт, ки хонандагон набояд аз паси гурӯҳҳои ҷиноятқор сарсону саргардон шаванд. Вазифаи хонанда аслан андӯхтани илму дониш ва ахлоқу одоби шоиста дар мактаб мебошад.

Директори мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳри Хоруғ, узви Маҷлиси милии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодигул Қонунзода аз хусуси муваффақиятҳои таълимгоҳ дар соли сипаришуда ҳарф зад.

## ОМӮЗИШИ ГУСТУРДАИ ПАЁМ

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ бо омӯзгорон, ва хонандагон синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 4-и шаҳр ва волидони хонандагон оид ба шаҳру тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар вохӯрӣ доир намуд.

Муовини раиси шаҳр Парӣ Ғуломҳайдарова оид ба муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ва роҷеъ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба тафсил сухан ронд.

Директори мактаб Мавҷуда Замирова дар хатми вохӯрӣ қайд кард, ки хонандагони мактаб дар ҳамаи чорабиниҳои шаҳрию вилоятӣ фаъолона ширкат дошта, имсол дар хонандаи мактаб дар мусобиқаҳои варзишӣ медали тилло ва нуқраро соҳиб шуданд.

## 80 МЕДАЛИ МАКТАБИЁН

Дар маҷлиси ҷамъбастии фаъолияти яксолаи Раёсати маорифи ВМКБ, сардори Раёсати маорифи вилоят Лутфулло Наврӯзов фаъолияти яксолаи раёсатро оид ба раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои томактабӣ, иштироки хонандагон дар олимпиадаю озмунҳо, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, таҷдиди маблағгузории сарикасии соҳа, таъмир, сохтмону азнавсозии биноҳои таълимӣ, таъмини гармидиҳӣ дар фасли зимистон, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва дигар ашёи таълимӣ сухан ронд.

Муовини раиси вилоят Н.Асламшоева, изҳор дошт ки ба даст овардани 80 медал аз тарафи шогирдони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят аз талошу заҳматҳои кормандони соҳаи маориф, бахусус, омӯзгорон дарак медиҳад. Натиҷаи озмунҳои иштироки хонандагони муассисаҳои таълимии вилоят дар ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи донои китоб аст" ва "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" ҳам назаррас аст.

***Ч.ҚОЗИБЕКОВ,***
***«Омӯзгор»***

ОЛИМОНИ МО

# Тараннумгари ҳикмату муҳаббат

Номзади илми филология, дотсент Солеҳҷон Собирҷонов аз зумраи олимони шинохтаи забоншинос аст, ки ҳам худ дар илми забоншиносии тоҷик хизмати арзандаву сазовор карда ва ҳам шогирдонро дар роҳи хизмат ба забони модарӣ собитқадамона ҳидоят намудааст. Устоди азизи моро на танҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, балки дар аксари муассисаҳои олии таълимии кишвар бо тадқиқоти арзишманд ва ба меҳнати софдилонааш мешиносанд. Зеро устод Солеҳҷон Собирҷонов чун як забоншиноси нуктасанҷ ва омӯзгори варзида аз соли 1973 то соли 1996 дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) аз дараҷаи ассистенти кафедра то ба дараҷаи дотсент ва муовини декани факултет оид ба таълим фаъолият намуда, аз соли 1996 мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон, баъдан аз соли 1998 то 2000 ноиби ректор оид ба тарбия ва фарҳанг дар ҳамин донишгоҳ кору фаъолият намудаанд. Аз соли 2000 то 2006 ба ҳайси мудири шуъбаи таълимию методии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, аз соли 2006 то 2009 дар вазифаи мудири шуъбаи илм ва робитаҳои байналмилалӣ ва баъдан дар вазифаи сардори шуъбаи тарбияи ҳамин донишкада фаъолият намудаанд. Аз соли 2009 то 2012 дар вазифаи мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи молияи Тоҷикистон, аз соли 2012 то соли 2013 дар вазифаи мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ ва аз соли 2013 инҷониб дар вазифаи дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва русии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият доранд. Ин ҳама далели он аст, ки олими нуктасанҷу омӯзгори арзандаро дар ҳама ҷо қадршиносӣ мекунанду ҳамеша хуш мепазиранд.



Дар баробари ин самараи фаъолияти илмии устод С. Собирҷонов барои забоншиносон ва олимони ҷавон, муҳаққиқону донишҷӯён ва ҳаводорони илми забон ҳам манбаи илҳому сарчашмаи талош ва калиди кушоишҳои илмӣ аст. Эшон муаллифи рисолаи илмӣ, луғатномаю мақолаҳои зиёди илмию тадқиқотӣ ва методӣ, ки дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои илмии «Масъалаҳои филологияи тоҷик», «Актуальные проблемы иранской филологии», «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расидаанд, ки «Ҷумлаҳои саволии муқобилмаъно», «Ҷумлаҳои таркибан устувори саволӣ», «Ҳусни сухан», «Як навъи ҷумлаи саволии водоркунанда», «Оид ба баъзе омилҳои ташаккули ҷумлаҳои саволии риторикии инкорӣ», «Луғати мухтасари мавзӯии таълимии тоҷикӣ-русӣ», «Собственно-вопросительные предложения в современном таджикском литературном языке» аз паҷӯҳишҳои арзишманди устод Солеҳҷон Собирҷонов ба шумор мераванд.

Пажӯҳишҳои арзишманду мавриди назари устоди гиромӣ дар риштаи синтаксиси ҷумлаҳои забони тоҷикӣ аст, ки дар ин ришта кам андар кам нафароне дар забоншиносии муосири тоҷик муваффақ шудаанд. Нимаи дуюми садаи бистум барои забони тоҷикӣ як қатор забоншиносонеро ба саҳнаи илм овард, ки онҳо як мактаби тавонои забоншиносии тоҷикро таъсис доданд ва имрӯз шогирдону муҳаққиқони зиёде аз дастовардҳои ин мактаби маъруфи забоншиносии тоҷик баҳравар ҳастанд. Устод Солеҳҷон Собирҷонов намояндаи мактаби забоншиносии профессорон Додоҷон Тоҷиев ва Мукаррама Қосимова мебошанд, ки ин мактаб бо пешкисватону пайравонаш як мактаби беназири илмӣ аст.

Муҳаққиқ дар рисолаи худ таҳти унвони «Собственно-вопросительные предложения в современном таджикском литературном языке», ки ба таҳқиқи ҷумлаҳои саволии хосса дар забони адабии ҳозираи тоҷик бахшида шуда, соли 2011 ба табъ расид, бори аввал вижагиҳои ҷумлаҳои саволии хоссаро ба риштаи таҳқиқ кашида, масоили печидаи ин навъи ҷумлаҳоро дар забоншиносии тоҷик бо такя бар маводи илмию амалии арзишманд гиреҳкушой намуд. Арзишмандии таҳқиқи мазкур дар он аст, ки пажӯҳишгар бори аввал восита ва роҳҳои ифодаи савол, намудҳои саволгузорӣ ва имкониятҳои сарфию наҳвӣ ва услубии забони тоҷикиро дар ин самт мушаххас намуд.

Як муносибати тозаи илмӣ ба масъалаи ҷумлаҳои саволӣ дар рисолаи муҳаққиқ он аст, ки ӯ тавонистааст ифодаи савол ва саволгузориро бо матн ва контекст ҳамчун воҳиди комили забон ва раванди муҳобирот алоқаманд намояд.

Мақолаҳои илмии муҳаққиқ доир ба ҷумлаҳои саволӣ дар забони адабии тоҷик басо арзишманд ва камназир пурмуҳтаво аст. Аз ҷумла, муҳаққиқ дар як мақолаи худ таҳти унвони «Оид ба баъзе имконоти услубии ҷумлаҳои саволӣ дар забони тоҷикӣ» масъалаҳои тарзу воситаҳои ифодаи савол ва имконоти услубии ҷумлаҳои саволиро ба қалам дода, намунаҳои басо гуногуни ҷумлаҳои саволиро мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор додааст.

Дар ҳақиқат, баёни фарзияи илмии муҳаққиқ басо ҷолиб ва мантиқан устувору аз нигоҳи илмӣ комилан як ҳукми истидлолӣ аст. Умуман, муҳаққиқро дар ин ҷода муяссар шудааст, ки нозукиҳои нокушуда ва паҳлуҳои норӯшани ҷумлаҳои саволиро дар забони тоҷикӣ кушода, имконияти беҳудуд ва нотакрори забони тоҷикиро собит намояд.

Дар маҷмуъ ба қалами эшон беш аз 150 номгӯй корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ мутааллиқ аст.

*Шаҳло МУЗАФФАРОВА,*
*Раъно РАҶАБОВА,*
*Зайниддин МУХТОРОВ,*
*Кутбиддин МУХТОРӢ*

ОЛИМОНИ МО

# Таҷрибаомӯзӣ самаровар аст

Ҳамасола таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таълимии шаҳри Хуҷанд дар сатҳи баланд гузаронида мешавад. Тавре дар суҳбат сармутахассиси шуъбаи таҷрибаомӯзии донишгоҳ Абдулҳай Рӯзимуродов зикр намуд, таҷрибаомӯзии донишҷӯён мувофиқи нақша бо назорати пурра гузаронида мешавад ва онҳо дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии шаҳри Хуҷанд ба дарсҳои омӯзгорон ворид гардида, тибқи низоми салоҳиятнокӣ раванди баргузории дарсҳоро меомӯзанд.



Бо роҳбарии омӯзгори варзидаи физика Ислом Иноятов, донишҷӯёни курсҳои 3 ва 4, шуъбаи фосилавии факултети физика ва техникаи донишгоҳ таҷрибаомӯзии худро дар МТМУ №21-и шаҳри Хуҷанд гузаронида, донишу истеъдод ва малакаи баргузории дарсҳоро аз омӯзгорони варзидаи физика ва математика омӯхтанд.

**Дар акс: Лаҳзае аз таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз фанни физика**

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*"Омӯзгор"*

ФАЪОЛИЯТ

# Бо дилу дидаи равшан

Дар раёсати маорифи шаҳр бо ӯ кӯтоҳакак суҳбат ороста, сарварии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 9-ро ба зиммааш вогузор карданӣ шуданд. Ва Дилшод лаҳзае ба хаёл рафта, ба ёд овард, ки замоне (дақиқан соли 2014) дар муассисаи номбурда ҳамчун директор се сол ифои вазифа намуда буд. Мактаби шинос, ҳайати устодону омӯзгоронаш соҳибмаълумоту заҳматкаш. Розӣ шуд ва бо иродати тамому рӯҳи болида ба иҷрои вазифа пардохт. То ин дам дар мактаби №130-и шаҳри Ваҳдат ба сифати директор фаъолият мекард. Дилшод Алиев таҷрибаи шоистаи педагогӣ дорад. Баъд аз хатми факултети химияву биологияи ДМТ (с.1996) корро дар муассисаи таълимии №130 шурӯъ намуда, дар як муддати кӯтоҳ бо донишу фаҳмиши хуб, омӯзиши бардавом ва ба роҳ мондани машғулиятҳои ҷолиб мусассир, ки ҳамеша бо истифода аз васоити аёнию таҷҳизоти замонавӣ дар синфхонаи фаннӣ сурат мегирифт, ҳамчун омӯзгори ҷӯяндаву наввар соҳиби нуфузу ҷойгоҳи хоса гардид. Аз ин рӯ, ӯро ба вазифаи ҷонишини директор оид ба таълим таъйин намуданд, ки шурӯъ аз соли 2007 дар пешбурди кори таълиму тарбия заҳмат кашида, саҳми сазовор гузошт. Пасон, ҳамчун сарвари мактаби мазкур ба фаъолияти пурмасъулият идома бахшид ва дар тӯли 7 сол дар ин вазифа кор кард. Таҷрибаи ибратомӯз ва кордонию санъати раҳбарияшро ба эътибор гирифта, ҳамчунин, директори таълимгоҳи рақами 101-и деҳаи Суғдиён таъйинаш карданд ва дар ин муассиса корҳои зиёди назаррасро анҷом дод. Инак, аз огози сарварияш дар мактаби №9 чор моҳ сипарӣ мегардад. Дар ҳамин фосилаи кӯтоҳ бо иқдоми Дилшод Алиев 14 синфхона, ки дар ошёнаи сеюми мактаб ҷойгир мебошад, аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Мактаб бо хатти барқи озод пайваст буда, синфхонаҳо бо бухориҳои барқӣ ва батареявӣ гарм карда мешаванд. Бояд зикр намуд, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 дар байни таълимгоҳҳои қаламрави Ҷамоати деҳоти Карим Исмоилов аз калонтарин муассиса маҳсуб ёфта, дар он 2030 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд ва 67 нафар омӯзгор ба фаъолият машғуланд. Феълан дар таълимгоҳ синфхонаҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз аз фанҳои химия ва физика мавҷуд мебошад. Машғулиятҳо аз ҷониби омӯзгорони варзидаи ин фанҳо (онҳо 14 нафар мебошанд) дар синфхонаҳои фаннӣ ва лабораторияҳо тибқи талаботи замони муосир гузаронида мешаванд. Маҳфилҳо аз фанни алгебраву химия ва физика пурмуҳтавою шавқовар баргузор мегарданд.



- Мо ба масъалаи омӯзишу аз худ кардани васоити техникии таълимӣ ва технологияи инноватсионӣ диққати ҳамаҷониба медиҳем, - мегӯяд сарвари муассиса ва меафзояд, ки дар мактаб ду синфхонаи компютерии муҷаҳҳаз бо 28 компютер ва тахтаи электронию проектор ва ноутбук мавҷуд мебошад. Дар ҳамкорӣ бо намояндагони сафорати Ҳиндустон дар Тоҷикистон, мактаб бо 10 адад компютер ва тахтаи электронию видеопроектор таъмин гардид. Машғулияту ҷорабиниҳо аз забонҳои русию англисӣ низ дар муассиса бо иқдоми омӯзгорони варзида дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудаанд. Фаъолияти омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик низ назаррас аст.

Ба иттилои директор, машғулиятҳо аз технологияи меҳнат созгор ба шароити замон хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Бо ин мақсад дар муассиса ду кабинети муҷаҳҳаз (барои писарону духтарон алоҳида) бо дастгоҳҳои чӯбкоркунӣ, харротӣ ва мошинаҳои дарздӯзӣ амал мекунад, ки дар ин кабинетҳо хонандагон ҳунарҳои гуногунро омӯхтаву аз худ мекунанд. Бо роҳбарӣ ва ибтикори омӯзгорон Ашӯралӣ Аминов ва Раҷабалӣ Давлатов мактабиён 100 адад мизу курсии мактабагӣ сохтанд. Дар ҷалби мактабиён дар самти омӯзишу мутолиа ва омодагӣ ба иштирок дар озмуни «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» нақши китобхонаи мактаб, ки дорои зиёда аз 2000 нусха китоби бадеӣ мебошад ва саҳми китобдор Шаҳринисо Абдиева хеле калон аст. Мувофиқи нақшаи маъмурият рӯзҳои наздик теъдоди зиёди асарҳои бадеӣ ба китобхона ворид хоҳад гардид. Омӯзгори суруд ва мусиқӣ Саидмурод Ёқубзода дар озмуни «Тоҷикистон – ватани азизи ман» бо маҳорату санъати волои худ иштирок карда, соҳиби ҷойи аввал ва бо нишони «Аълочии фаҳрии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд. Раҳбарияти таълимгоҳ ба тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ ва ҷорабиниҳои варзишӣ низ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир мекунад. Ба таъйиди Дилшод Алиев, соли гузашта хонандагони муассиса дар озмуни минтақавии «Ватанпарвар» фаъолона ва бо маҳорати вижа иштиорк намуда, дар байни 20 муассисаи таълимӣ аз намудҳои гуногуни варзиши ҳарбӣ сазовори ҷойи аввал гардиданд. Дар мактаб толорҳои замонавии варзишӣ ва маҷлисгоҳ мавҷуд мебошад. Чанде қабл бо раҳбарии омӯзгори таърих Раҷаб Саидӣ вобаста ба нуктаҳои асосии Паёми Президенти ҷумҳурӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти унвони «Паём – роҳнамои имрӯзу фардо» конфронс баргузор шуд. Сатҳи донишандӯзӣ ва сифати таҳсилот сол то сол дар таълимгоҳ афзун мегардад. Соли гузашта, тибқи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ 40 нафар хонанда ба донишгоҳу донишкадаҳо ва 15 нафар ба коллеҷҳои мухталиф дохил шуда, сазовори номи донишҷӯйӣ гардиданд.

- Шумораи хонандагон сол то сол меафзояд, - мегӯяд Д. Амиров. Аз ин рӯ, ба нақша гирифтем, ки соли равон бо қувваи омӯзгорон ва бо роҳи ҳашар 5 синфхонаи иловагӣ бунёд намоем.

Мо ба сарвари дилсӯзу ташаббускор Дилшод Амиров дар боби амалишавии нияту орзуҳояш муваффақиятҳо хоҳонем.

*Шодӣ РАҶАБЗОД,*
*«Омӯзгор»*

*Ҳеҷ ошиқ сухани талх ба маъшуқ нагуфт.*
*Ҳофизи Шерозӣ*



# Раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

**барои ишғоли мансабҳои холии зерин озмун эълон менамояд:**

Мудири бахши Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб - 1 ҷой.

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

-таҳсилоти олии касбӣ (равияи омӯзгорӣ, донистани забонҳои русӣ, англисӣ бартарӣ дода мешавад);

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбарро ба танзим медароранд;

-малакаи кор бо компютер.

Маоши мансабӣ 1308 сомонӣ 20 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Мутахассиси пешбари Раёсати маорифи вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб - 1 ҷой.

Талаботи тахассусӣ барои довталабон:

-таҳсилоти олии касбӣ (равияи омӯзгорӣ, донистани забонҳои русӣ, англисӣ бартарӣ дода мешавад);

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мутахассиси пешбарро ба танзим медароранд;

-малакаи кор бо компютер.

Маоши мансабӣ 972 сомонӣ 50 дирам, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

-ариза ба унвони сардори раёсат;

-варақаи (анкетаи) баҳисобгирии кадрҳо;

-шарҳи ҳол;

-нусхаи диплом;

-2 дона расми 3-4

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;

-нусхаи шиноснома;

-маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ;

-маълумотнома аз мақомоти андоз дар бораи даромад ва амволи шахсӣ;

-нусхаи гувоҳномаи РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда).

-маълумотнома аз ҷойи истиқомат;

-маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 038 УЕ;

-нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);

-нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);

-маълумотнома (справка-объективка);

Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:

Шаҳри Бохтар, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров-17, бинои Раёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон.

**Телефон барои тамос: 2-38-80**

**Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун.**

# Бурсияҳои таҳсилии донишгоҳҳои олии Озарбойҷон

**дар асоси барномаи кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ)**

Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонад, ки Ҷумҳурии Озарбойҷон тибқи барномаи кишварҳои узви Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ) барои соли таҳсили 2022-2023 4 бурсияи таҳсилӣ аз рӯи зинаҳои бакалавриат, магистратура, докторантураи таҳсилоти олӣ ва тиббӣ пешниҳод намудааст. https://aida.mfa.gov.az/en/education/221/

Донишгоҳҳои Ҷумҳурии Озарбойҷон вобаста ба ихтисосҳои гуногун ва ихтисосҳое, ки таҳсилашон бо забони англисӣ мебошад, сертификатҳои сатҳи байналмилалии TOEFL, IELTS - ро талаб менамоянд. Аз ин лиҳоз, ба довталабон зарур аст, ки пеш аз интихоби донишгоҳ ва ихтисос ба талаботҳои вобаста ба сертификати забондонӣ шинос шаванд.

- Таҳсили ройгон;
- Пардохти парвозҳои байналмилалӣ;
- Суғуртаи тиббӣ;
- Пардохти раводид ва сабти ном;
- Стипендияи моҳона барои хӯрок, манзил ва хизматрасонии коммуналӣ (800 AZN)

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ:**

1. Ариза (дар сомонаи https://aida.mfa.gov.az/en/education/221/);
2. Диплом ё аттестат;
3. Маълумотномаи тиббӣ (бо санҷишҳо барои ВИЧ / СПИД, гепатити В ва С);
4. Ҳолнома (резюме ё CV);
5. Номаи ҳавасмандӣ (Мотивационное эссе);
6. Сертификатҳои байналмилалии малакаи забондонӣ.

(барои барномаҳое, ки бо забонҳои англисӣ гузаронида мешаванд; барои барномаҳои бакалавриат IELTS 5, TOEFL 40, барои дигар барномаҳо IELTS 5.5, TOEFL 50 лозим аст);

**Эзоҳ: ҳама ҳуҷҷатҳо бояд ба забони англисӣ ё русӣ тарҷума шуда, аз тарафаи нотариус тасдиқ карда шаванд.**

**Ҳуҷҷатҳои лозима то 15.03.2022 дар Маркази барномаҳои байналмилалӣ (дар шакли хаттӣ ва электронӣ ) қабул карда мешаванд.**

**Маълумоти муфассал дар сомонаи: https://aida.mfa.gov.az/en/education/221/**

**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 47 (рӯ ба рӯи «Алиф Сармоя»)**

## Диққат: озмун!

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» бо мақсади нақшгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат, ки бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат эълон шудааст, барои беҳтарин мақолаву гузоришҳо дар мавзӯи **«Нақши маориф ва илм дар татбиқи ҳадафҳои Солҳои рушди саноат» озмун эълон менамояд.** Нигоштаҳое, ки ба озмун фиристода мешаванд, бояд ба умдатарин масоили рушди саноат, ҳамбастагии илму амал, имконоту мавқеи аҳли маориф вобаста ба раванди саноатикунонии кишвар бахшида шуда, мулоҳизоту пешниҳодот ва андешаву баррасиҳои ҷолиббро дар бар гиранд, забони равону муассир дошта бошанд.

**Озмун аз оғози моҳи феврал то охири моҳи август идома меёбад ва дар арафаи Рӯзи Истиқлоли давлатии ҷумҳурӣ ҷамъбаст мегардад.**

**Барои ғолибон мукофотҳои зерин муқаррар шудааст:**

**Ҷои аввал: 2000 сомонӣ**
**Ҷои дуюм: 1500 сомонӣ**
**Ҷои сеюм: 1000 сомонӣ**

Ғолибон, ҳамчунин, бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ қадр карда мешаванд.

**Таъкид:**

Мақолаҳо набояд аз 3-4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Rjman Tj 14-1,5 интервалӣ) зиёд бошанд, дар акси ҳол ба озмун роҳ намеёбанд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ-№0254531, ки онро соли 2016 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Зарипова Субҳия Наҷмиддиновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №000453, ки онро соли 2006 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе (ҳоло литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе) ба Нурублоева Нодира Мавлоновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0477500, ки онро соли 2011 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Султонова Муазама додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0066170, ки онро соли 2006 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ҳайдарова Савринисо додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №421731 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1989 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73 ба номи Шамсиддин Бобоеви ноҳияи Рӯдакӣ ба Бадиева Зулайхо Мирзоҳиматовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи БР №005098, ки онро соли 1987 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Воҳидов Мирзомудин Сироҷевич додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А №0061631 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2007 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Парвизи Саидахмад додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №153780, ки онро соли 1991 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Идиев Амридин Негматович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0327289 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2009 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №61-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Набизода Гулбаҳор Саидаҳмад додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №287765 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1988 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Асоев Шодмон Аҳмадович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи ТШТА №0025719 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2006 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Шарипова Шаҳло додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №0040048 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2004 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Чулиева Тоҷихолон Абдуллоҷоновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №591329, ки онро соли 1998 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №75-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Урунов Баҳриддин Курбонович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №0561505, ки онро соли 2017 Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №31-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Бобиев Абдулҳафиз Абдуазизович додааст, эътибор надорад.

Дипломи гумшудаи НТ-I №334608, ки онро соли 1993 омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Ҳисор ба Раҷабова Ойшакар Ҳабибуллоевна додааст, эътибор надорад.

**Кормандони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фавти сармутахассиси фанни забони тоҷикии муассиса МИРЗОМУҲАММАД Нурулло андуҳгин буда, ба наздикони марҳум бо изҳори ҳамдардию таслият сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» аз даргузашти омӯзгори собиқадор, олими номвар ва муаллифи фаъоли ҳафтанома МИРЗОМУҲАММАД Нурулло андуҳгин буда, ба аҳли оила ва наздикони марҳум ҳамдардӣ изҳор мекунанд.**

**Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов аз марги нобаҳангоми Корманди шоистаи варзиши Тоҷикистон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадори варзиш, ёвари ректори донишкада, дотсент НОРОВ Саъдӣ Султонович андуҳгин буда, ба наздикону пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Кормандони шуъбаи маорифи ноҳияи Восеъ ба ҳамкори худ Беҳрӯз Сангов бинобар даргузашти ПАДАРАШ изҳори ҳамдардӣ ва таслият мекунанд.**

**Омӯзгорони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №73-и ноҳияи Рӯдакӣ аз даргузашти ҳамкори худ Тӯтинисо НАЗАРОВА андуҳгин буда, ба аҳли оила ва хешону пайвандони марҳум ҳамдардӣ баён мекунанд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: omuzgor@inbox.ru
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj
*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*
*Ҳайати таҳрир: М. ИМОМЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, М. САЛОМИЁН, Г. ҒАНИЗОДА, Д. ҚОДИРЗОДА, Н. СОБИРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*
Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61
«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири ҷандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба уҳда нагирад. *Навбатдори шумора Н. ОХУНЗОДА*
Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 39477 нусха | Таррох: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Саидова ва Д. Забирова
Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.